КУМАКИ ОЗОДА РАҲМОН БА МОДАРИ ҚОБИЛҶОН с. 5

БОЛОРАВИИ НАРХИ ПАХТА ДАР БОЗОРИ ҶАҲОН с. 3

“ПРЕЗИДЕНТШИКОР” ДАР ТАЪРИХ с. 4

ТОҶИКИСТОН

№1 (1666), 7.01.26 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якбост! Оғози нашр соли 1992

ТАҒИИРОТИ КАДРИ кӣ куҷо рафт?





ДАР ИН ШУМОРА:

СОЛИ 2026
Иқтисоди Тоҷикистонро чӣ интизор аст? с.3

ГӮШТИ МАҲАЛЛӢ
Чаро он дар бозор камчину қимат шуд? с.7

ШАРИФ ҲАМДАМПУР:
Журналист шоҳиди замон аст, на хизматгори фурсат с.9

НАПОЛЕОНИ АФҒОНИСТОН
Барге аз рӯзгори Аҳмадшоҳи Масъуд с.6

НИКОЛАС МАДУРО
Чаро ӯро Трамп рабуд? с.4

МУҲОҶИР
Нархи патент дар Русия боло рафт с.10

ВАРЗИШ
Ғуруби ду ситораи футбол с.15

КАНЗИ ШИФО
Роҳҳои табобати бронхит с.14

МАҶМААИ ИСТИҚОМАТИИ «БУЛЬВАР СКАНДИНАВИЯ»

Sebiston

кӯч. Панҷрӯд, маҳ. 91/92

› **Маҷмаа аз рӯйи лоиҳаи скандинавӣ - тарҳи мухтасар, фасадҳои равшан ва ҳавлиҳои бароҳат сохта мешавад.**

› **Маҷмаа дар марҳилаи аввали сохтмон қарор дошта, бунёди он бомаром идома меёбад.**

› **Сохтмон 3 сол идома меёбад.**

› **Барои харидорон пешпардохти қулай вуҷуд дорад, интихоби табъи дили худро барои зиндагии бароҳат имрӯз кунед.**

Телефони шуъбаи фурӯш:
(+992) 122-122-122



7-УМИ ЯНВАР ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН КАДРҲОИ БА ВАЗИФАҲОИ РОҲБАРӢ ДАР ЯК ҚАТОР ШАҲРУ НОҲИЯҲО ВА ДИГАР СОХТОРҲОИ ДАВЛАТӢ ПЕШНИҲОДШУДАРО БАРОИ СУҲБАТ БА ҲУЗУР ПАЗИРУФТ.



ТАЪИНОТИ КАДРӢ

Кӣ чӣ вазифа гирифт?

7-уми январ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон як гурӯҳ кадрҳои ба вазифаҳои роҳбарӣ пешниҳодшударо барои суҳбат ба ҳузур пазируфт. Ин мулоқот дар заминаи натиҷагирӣ аз фаъолияти иқтисоди миллии кишвар дар соли 2025 баргузор шуда, ҳадафи асосии он тақвияти самаранокии идоракунӣ, ҷавобгӯйи талаботи замон гардонидани сохторҳои давлатӣ ва ҷалби кадрҳои ҷавону варзида ба низоми роҳбарӣ буд.

Ба иттилои хадамоти матбуоти Сарвари давлат, бо назардошти натиҷаҳои фаъолияти иқтисодӣ, як қатор роҳбарони мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла муовинони раиси вилояти Хатлон, раисони шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Ҷайҳун, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Ховалинг, Исфара, Истаравшан, Спитамен, Бобоҷон Ғафуров ва Рӯдакӣ, инчунин роҳбарият ва муовинони раиси Кумитаи рушди маҳал аз вазифа озод гардида, ба ҷойи онҳо кадрҳои нав таъин шуданд.

Дар доираи ин тағйирот Солеҳзода Ашурбой аз вазифаи муовини якуми вазири рушди иқтисод ва савдо ва Раҳмонзода Абдулло аз вазифаи ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа озод гардида, мутаносибан ба вазифаҳои муовини раиси вилояти Хатлон оид ба иқтисод ва муовини раиси вилояти Хатлон оид ба идеология таъин гардиданд. Ин қарорҳо нишон медиҳанд, ки таҷриба ва дониши кадрҳо бояд бештар ба сатҳи маҳаллӣ равона шавад, то сиёсати давлатӣ дар минтақаҳо самаранок амалӣ гардад.

Ҳамзамон, Шарифзода Манучеҳр Муртазо, ки то ин вақт муовини вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон буд, директори Муассисаи давлатии «Театри миллӣ» таъин шуд. Ин таъйинот низ аз талоши давлат барои тақвияти соҳаи фарҳанг ва ҷалби кадрҳои соҳибтаҷриба ба муассисаҳои калидӣ шаҳодат медиҳад.

Зимни суҳбат бо кадрҳои навтаъин Сарвари давлат ба масъалаҳои хизмати содиқона ба давлату миллат, риояи қатъии қонуният, истифодаи мақсадноки замин, омодагии ҷиддӣ ба киштукори баҳорӣ, интихоби дуруст ва тарбияи кадрҳои ҷавон, инчунин муомилаи эҳтиромона бо мардум таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуд. Таъкид гардид, ки роҳбарон бояд на танҳо иҷрои супоришҳоро таъмин намоянд, балки дар назди мардум масъулияти шахсӣ эҳсос кунанд.

Дар баробари ин, Президенти кишвар зарурати тақвияти корҳои созандагию бунёдкориро махсусан бо ҷалби соҳибкорон ва шахсони саховатпеша таъкид кард. Ин тадбирҳо бояд ба истиқболи сазовори Наврӯзи байналмилалӣ ва ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шаванд.

Таъйиноти ахир бозгӯйи сиёсати пайгиронаи давлат дар самти навсозии кадрӣ, баланд бардоштани масъулият ва ҷавобгӯйии роҳбарон ва мутобиқ сохтани низоми идоракунӣ ба талаботи рушди устувори кишвар мебошад.



Кадрҳои навтаъин:

1. **Маъмурзода Адҳам Маъмур -** *мушовири калони бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа;*
2. **Муминзод Камолиддин Рамазон -** *раиси Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;*
3. **Солеҳзода Ашурбой -** муовини раиси вилояти Хатлон оид ба иқтисод;
4. **Раҳмонзода Абдулло -** муовини раиси вилояти Хатлон оид ба идеология;
5. **Пирзода Диловар -** иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Кӯлоб;
6. **Набизода Фарруҳуддин Амурдин -** иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ;
7. **Рауфзода Саймумин Тоҷиддин -** *раиси ноҳияи Ховалинг;*
8. **Ализод Азизулло Муҳибулло** - *иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Ҷайҳун;*
9. **Ҷумазода Шарифҷон -** *иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Исфара;*
10. **Қодирӣ Абдусаттор Ғаффорзода -** *раиси шаҳри Истаравшан;*
11. **Нӯмонзода Темурҷон -** *иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Бобоҷон Ғафуров;*
12. **Ҷӯразода Ҷамшед Ҳабибулло -** *иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Спитамен;*
13. **Салимзода Нусратулло Файзулло -** *иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Рӯдакӣ;*
14. **Давлатзода Зарина Дилмурод -** *муовини раиси Кумитаи рушди маҳал;*
15. **Шарифзода Манучеҳр Муртазо -** *директори Муассисаи давлатии «Театри миллӣ»-и Даструҳои иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

АЗ ИСТЕҲСОЛОТ ТО САНОАТ

Соли 2026 иқтисоди Тоҷикистонро чӣ интизор аст?

Солҳои охир саноат ба яке аз бахшҳои муҳим дар иқтисоди миллии Тоҷикистон табдил ёфтааст. Тибқи маълумоти расмӣ, танҳо тайи ҳафт соли охир дар кишвар зиёда аз 2,6 ҳазор корхонаи саноатӣ бунёд ва ба истифода дода шудаанд. Дар натиҷа беш аз 87 ҳазор ҷойи кори нав таъсис ёфтааст. Ин нишондиҳанда аз пешрафти воқеӣ дар татбиқи ҳадафи стратегии миллӣ - саноатикунонии босуръати кишвар шаҳодат медиҳад.



2,5 МАРОТИБА АФЗОИШ

Дар солҳои 2019-2025 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар Тоҷикистон 2,5 маротиба афзоиш ёфтааст. Танҳо дар соли 2025 суръати рушди соҳаи саноат ба 22 фоиз расид, ки яке аз нишондиҳандаҳои баланд дар минтақа ба ҳисоб меравад. Ин пешрафт пеш аз ҳама натиҷаи сиёсати мақсадноки давлатӣ, бехтар шудани фазои сармоягузорӣ ва фаъол гардидани бахши хусусӣ мебошад.

РУШДИ СОҲАИ МАЪДАН

Соҳаи истихроҷи маъдан дар рушди саноат нақши калидӣ дорад. Агар соли 2020 ҳаҷми истеҳсол дар ин соҳа 7,7 миллиард сомониро ташкил дода бошад, пас дар соли 2025 ин нишондиҳанда ба 26 миллиард сомонӣ расидааст. Чунин афзоиш аҳамияти соҳаи маъданро ҳамчун манбаи муҳими даромад ва ашёи хом барои саноати коркард боз ҳам тақвият медиҳад.

Яке аз дастовардҳои муҳим густариши номгӯи маҳсулоти истихроҷ ва коркарди маъдан мебошад. Агар соли 1991 танҳо се навъи маҳсулот - тило, нуқра ва хокаи сурб истеҳсол мешуд, имрӯз шумораи онҳо ба 17 намуд расидааст. Ҳамзамон, истеҳсоли тило ҳафт маротиба, нуқра шаш маротиба ва хокаи сурб нуҳ маротиба афзоиш ёфтааст.

Ба андешаи коршиносон, ин раванд нишон медиҳад, ки Тоҷикистон тадриҷан аз кишвари содиркунандаи ашёи хоми маҳдуд ба давлати дорои иқтидори гуногуни саноатӣ табдил меёбад.

ПЕШГӮЙӢ


Иқтисодиёти Тоҷикистон дар оғози соли 2026 рушди устуворро нишон медиҳад. Тибқи пешгӯии Бонки Авруосиёии Рушд (ЕАБР), суръати афзоиши Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ба 8,1 фоиз мерасад. Ин рушд асосан ба шарофати ҷалби сармоягузориҳо аз Русия, Амороти Муттаҳидаи Араб ва Чин, инчунин рушди инфрасохтор, кишоварзӣ ва ба роҳ мондани истеҳсолоти нав, аз ҷумла маҳсулоти алюминий, мис ва бетон сурат мегирад. Таваҷҷуҳи асосӣ ба саноатикунонӣ, навсозии нерӯгоҳҳои барқи обӣ ва бехтар намудани долонҳои нақлиётӣ равона шудааст.

САРМОЯГУЗОРӢ, СОХТМОНИ ЗИЁДА АЗ 300 КИЛОМЕТР РОҲ

Соли 2026 тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодӣ бо Арабистони Саудӣ, Русия ва Чин дар назар аст. Ҳаҷми сармоягузориҳо афзоиш ёфта, таваҷҷуҳ ба минтақаҳои озоди иқтисодӣ бештар мегардад.

Сохтмони зиёда аз 300 километр роҳ дар соли 2026 ба нақша гирифта шудааст. Навсозии НБО-и «Норак» идома ёфта, корхонаҳои нави саноатӣ ба фаъолият оғоз мекунанд. Инчунин, навсозии нерӯгоҳҳои барқи обӣ ба бехтар шудани таъмини нерӯи барқ, бахусус дар фасли зимистон мусоидат мекунад. Соли равон истеҳсоли асал афзоиш дода шуда, стратегияҳои рушди соҳаи алоқа то соли 2040 таҳия мегарданд. Содироти маҳсулоти кишоварзӣ низ зиёд карда мешавад ва воридоти чорвои зотӣ идома меёбад.

САРИ САБЗ



Қурбони СОБИР,
Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон

- Интихоби ман барои иҷрои нақши Ҷомӣ бо шӯҳӣ сурат гирифт. Дар "Тоҷикфилм" бо Шоҳиён гуфтему хандидем. Баъдан, ӯ гуфт, ки биё ман туро бурда муаррифӣ мекунам. Савори мошин роҳи Хуҷандро пеш гирифтем. Маро дар Қалъаи Хуҷанд ба гурӯҳи эҷодӣ расман муаррифӣ кард.

- Бале, "ханда ҳам доруст, инсонро табобат мекунад". Албатта, ин гуна муносибати шумо бо Шоҳиён ва муносибати ӯ бо шумо муҷиби он гардид, ки агар ранҷише дошт, бартараф шуд.



Нафиса НАЗАРОВА,
блогери тоҷики муқими Индонезия

- Мардум дар Индонезия шитоб намекунанд ва аз чизҳои одӣ лаззат бурда метавонанд. Ба ман ҳамчунин таҳаммулпазирӣ ва некхоҳии онҳо писанд аст: ҳатто дар вазъиятҳои душвор мекӯшанд мулоимӣ ва табассумро нигоҳ доранд. Ин ба ман бисёр чизҳоро омӯзонд.

- Як мардуми Индонезия не, бисёр халқияту миллатҳо ҳамин гуна хислатҳоро доранд. Масалан, дур намеравем, ба Тоҷикистон омадаву чанд солро инҷо сипарӣ кунед, ҳамааш фаҳмову равшан мешавад.



Умар АЗИЗОВ,
директори клиникаи "Евромед"

- Шахсоне, ки аз 45-сола боло ҳастанд, дар як сол ду маротиба бояд ҳатман назди уролог раванд. Мешавад бемориҳои саратони простата, саратони ғадуди простата ва онҳоро пешгирӣ кардан имкон дорад. Агар синну сол аз 60-70 боло бошад, тавсия медиҳем, ки зуд-зуд ба уролог муроҷиат кунанд.

- Ҳаҳаҳаҳ, хуб хандондед, ҷаноби доктор! Шахсони аз 45-сола боло ку майлаш, аммо нафарони аз 60-70 болоро чӣ зарурат аст дигар ба назди уролог рафтан?

БОЛОРАВИИ НАРХИ ПАХТА ДАР БОЗОРИ ҶАҲОНӢ

Аз оғози соли 2026 нархи пахта дар бозори ҷаҳонӣ ва ё биржа ба қиматшавӣ оғоз кард. Дар рӯзҳои аввали моҳи январ нархи муқарраршудаи хариди он барои оянда (фючерс) то андозаи 64,8 сент барои 1 фунт афзудааст.

Агар нархи ҷории 64,8 сент барои 1 фунтро ба килограм гузаронем, пас нархи 1 кило ҳудуди 1,43 доллярро ташкил медиҳад. Вале дар муқоиса ба нархи солона он тақрибан 5,4% паст буда, талабот ба пахта начандон зиёд боқӣ мемонад. Бино ба арзёбии "Trading Economics" ба афзоиши нарх бозгашти сармоягузорон пас аз соли нав ба бозор кумак кард, ки онҳо қарордодҳои дар вақти коҳиш гирифтаашонро хариданд. Ин ба болоравии нархҳо мусоидат кард.

Сарфи назар аз барқарор шудани нархҳо, хавфҳо боқӣ мемонанд. "Trading Economics" зикр мекунад, ки иштирокчиёни бозор мисли пешин аз талаботи кам, захираҳои барзиёд ва эҳтимоли таъсири таърифаҳо (тарифҳо) ба пахтаи амрикоӣ нигаронӣ мекунанд. Дар ин замина, тибқи иттилои Вазорати кишоварзии ИМА фурӯши софи содироти пахта давоми ҳафта, ки рӯзи 25 декабри соли 2025 ба охир расид, 134 ҳазор тойро ташкил доданд, ки бозор инро ба сифати ҳушдори талаботи паст қабул кард.

Дар пасманзари афзоиши истеҳсоли пахта дар Тоҷикистон қиматшавии нархи он дар бозори ҷаҳонӣ ба фоидаи кишвар аст. Зеро пахтаи Тоҷикистон дар бозори ҷаҳонӣ бо нархи қиматтар фурӯхта мешавад.

Дар "Дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2027" дар соли 2025 ҳаҷми ҷамъоварии пахта 390 ҳазор тонна ва истеҳсоли нахи пахта - 139 ҳазор тонна арзёбӣ шудааст. Ҳамчунин, соли гузашта содироти нахи пахта аз Тоҷикистон дар ҳоли афзоиш буд. Аз оғози сол Эрон аз Тоҷикистон ба маблағи 45,7 млн доллар зиёда аз 30 ҳазор тонна нахи пахта харид.

ПРЕЗИДЕНТШИКОР ДАР ТАЪРИХ


Боздошт ва интиқоли президенти Венесуэла Николас Мадуро ва ҳамсарашро ба ИМА бисёре аз расонаҳои ҷаҳон ва дар шабакаҳои иҷтимоӣ "одамрабоӣ", "президентшикор" ва "дуздии президент" арзёбӣ карданд. Ин амалиёти ИМА бисёриҳоро ба ҳайрат оварда, ки магар боздошти як раисҷумҳур аз ҷониби нерӯҳои кишвари дигар ва он ҳам аз дафтари кориаш дар пойтахти кишвараш имконпазир аст? Бале, бо вуҷуди он ки ин амал мухолиф ба тамоми меъёрҳои байналмилалӣ аст, дар таърихи муосир (як асри охир) чунин воқеаҳо рӯй додаанд.

Нерӯҳои ИМА дар "шикор"-и ду раисҷумҳур даст доранд:



Мануэл Нориега
- роҳбари Ҷумҳурии Панама


Расо 36 сол пеш, 3-юми январи соли 1990 роҳбари нерӯҳои мудофиаи миллии Панама Мануэл Нориега, ки соли 1983 ин кишварро роҳбарӣ мекард, дар натиҷаи ҳамлаи васеи нерӯҳои ИМА ба Панама сарнагун шуд. Дар амалиёти ҷангие, ки 20-уми декабри соли 1989 оғоз ёфт, беш аз 27 ҳазор низомии амрикоӣ, тақрибан 300 чархболу ҳавопаймо ва зиёда аз 100 танку зирехпӯш ширкат доштанд. 3-юми январ Нориега таслим шуд ва ба ИМА интиқол ёфт. Дар он ҷо бо иттиҳоми қочоқи маводи мухаддир ба суд кашида шуд. Апрели соли 1992 додгоҳ ӯро ба 40 соли зиндон маҳкум кард. Баъдтар муҳлати ҳабс кӯтоҳ карда шуд ва соли 2007 ӯ озод гардид.



Жан-Бертран Аристид
- президенти Гаити

Ӯ солҳои 1991-1996 роҳбари Гаити буд ва бори дигар соли 2001 президенти кишвар интихоб гардид. Дар аввали соли 2004 мухолифонаш ӯро ба фасод айбдор карданд ва дар кишвар эътирозҳои зиддиҳукуматӣ оғоз ёфт. Эътирозот боиси таъсиси «Фронти озодии Гаити» гардид, ки дар натиҷа тамоми шаҳрҳои бузурги кишварро зери назорат гирифт. 29-уми феврали соли 2004 Аристид аз ҷониби низомиёни ИМА боздошт шуда, бо ҳавопаймои ҳарбии амрикоӣ ба Ҷумҳурии Африқои Марказӣ интиқол дода шуд. Баъдан Аристид худро «қурбонии табаддулоти давлатӣ ё одамрабоии муосир» номид. Ӯ аввал дар ҶАФ, сипас дар Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ дар муҳоҷирати маҷбурӣ қарор дошт. Моҳи марти соли 2011, сарфи назар аз эътирози Вашингтон, ба ватан бозгашт, аммо дар ҳаёти сиёсӣ иштирок накард.

Илова бар ин, дар таърихи муосир ҳолатҳои рабуда шудани сарварони амалкунанда ва собиқи давлатҳо аз ҷониби созмонҳои ифротӣ ва нерӯҳои мухолиф низ ҷой доранд. Чанде аз онҳоро мисол меорем:




Педро Эухенио Арамбуру
- президенти Аргентина

Соли 1970 Педро Эухенио Арамбуру, ки солҳои 1955-1958 роҳбари Аргентина буд, рабуда шуд. 31-уми майи соли 1970 ӯ аз ҷониби гурӯҳи перонистҳои ифротӣ (ки баъдтар бо номи гурӯҳи «Монтонерос» маъруф шуданд) рабуда шуда, 1-уми июн кушта шуд.



Уго Чавес
- президенти Венесуэла

Рабуда шудани президент дар Венесуэла ҳолати нав набудааст. Моҳи апрели соли 2002 дар Венесуэла мухолифон талош карданд президенти кишвар Уго Чавесро, ки солҳои 1999-2013 дар ин мақом буд, барканор кунанд. 12-уми апрел, пас аз он ки Чавес аз имзои санади истеъфо сарпечӣ кард, табаддулотчиёни мусаллаҳ ӯро аз қасри президентӣ рабуда, ба пойгоҳи нерӯҳои ҳавоии ҷазираи Ла-Орчила дар баҳри Кариб интиқол доданд. Аммо зери фишори ҷонибдорони президент, аллакай 14-уми апрел мачбур шуданд ӯро раҳо кунанд. Чавес аз таъқиби иштирокчиёни рабуда шудани худ даст кашид.



Мануэл Селайя
- президенти Ҳондурас

Моҳи июни соли 2009 Мануэл Селайя дар натиҷаи табаддулот аз қудрат барканор карда шуд, зеро қасд дошт доир ба лағви манъи бозинтихобшавӣ раъйпурсӣ баргузор намояд. Шаби 28-уми июн, як рӯз пеш аз раъйпурсӣ, парлумон дар бораи барканории сарвари давлат қарор қабул кард. Дар натиҷа бо кумаки низомиён табаддулот анҷом дода шуд, онҳо қасри президентиро муҳосира карданд, Мануэл Селайяро боздошт намуда, бо зӯр ба Коста-Рика интиқол доданд. Соли 2011 Селайя ба ватан баргашт, аммо дигар ба сиёсат машғул нашуд.



ЧӢ ТАВР ТРАМП МАДУРОРО РАБУД?

3-юми январ нерӯҳои низомии Амрико Президенти Венесуэла Николас Мадуро ва ҳамсарашро аз қароргоҳаш боздошт карданд ва ба Амрико интиқол доданд. Расонаҳои ҷаҳон ин амали Доналд Трампро ҳамчун рабудани раисҷумҳур арзёбӣ карданд.

АМАЛИЁТЕ, КИ ТРАМП МУВАФФАҚ ГУФТ

Доналд Трамп, раисҷумҳури Амрико чанд лаҳза пеш эълон кард, ки нерӯҳои вижаи низомии кишвараш Николас Мадуро, раисҷумҳури Венесуэларо боздошт карда ва ӯро ҳамроҳи ҳамсараш аз ин кишвар берун бурдаанд.

"Иёлоти Муттаҳидаи Амрико амалиёти густурда ва муваффақро алайҳи Венесуэла ва раҳбари он, раисҷумҳур Николас Мадуро анҷом дод. Ӯ ҳамроҳ бо ҳамсараш боздошт шуда, аз кишварашон берун бурда шуданд. Ин амалиёт дар ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Амрико гузаронида шуд. Тафсилот баъдтар эълон мешавад. Имрӯз соати 11:00 (ба вақти маҳаллӣ) дар Мар-а-Лаго (бӯстонсаройи Доналд Трамп дар Флорида) нишасти матбуотӣ баргузор мешавад",- навиштааст Трамп дар саҳифаи "Truth Social"-и худ.

НАЗАРҲО АЗ ДОХИЛ ВА ХОРИҶ

Ҳамла ба Венесуэла ва амалиёти низомии Амрикоро чанд кишвари ҷаҳон маҳкум карданд. Аз ҷумла раиси Созмони Милали Муттаҳид Антонио Гутерриш. Аз ҷумла, Густаво Франсиско Петро Уррего, раисҷумҳури Колумбия бо маҳкум кардани ҳамла, аз Созмони Милали Муттаҳид хост, ки нишасти изтирорӣ баргузор кунад. Вазорати корҳои хориҷии Русия низ бо нашри баёния ҳамла ба Венесуэларо маҳкум кард. Эрон ҳам ҳамлаи Амрико ба Венесуэларо маҳкум кард ва хостори "баҷавобгарӣ кашидани банақшагирон ва омилони ин таҷовуз" шуд. Роҳбари дипломатияи Иттиҳоди Аврупо Кая Каллас ба риояи ҳуқуқи байналмилалӣ ва оинномаи СММ даъват кард, аммо ҳамлаи Амрикоро ошкор маҳкум накард. Ӯ гуфт, "борҳо таъкид кардаам, ки Мадуро машрӯият надорад" ва ба интиқоли сулҳомези қудрат таъкид кард.

Баъзе аз сиёсатмадорони Амрико ҳам ин ҳамларо маҳкум карданд. Аз ҷумла Рубен Галлего, сенатор аз Ҳизби ҷумҳурихоҳон навишт, ки "ин ҷанг ғайриқонунӣ" аст.

ВАЗЪ ДАР ВЕНЕСУЭЛА ЧӢ ГУНА АСТ?

Пас аз боздошту интиқоли Мадуро ба ИМА муовини ӯ раисҷумҳури муваққатии Венесуэла таъин шуд. Қарори Суди олии Венесуэла дар мавриди таъйини Делси Родригес ба вазифаи раисҷумҳур як рӯз баъд аз боздошти Мадуро содир шуд.

Родригес ҳам амали мақомоти Амрикоро маҳкум карда, хостори озодии Президенти кишвар ва ҳали қазия бо роҳи гуфтушнид шуд. Мақомоти Венесуэла ҳам амалиёти Амрикоро маҳкум карданд.

Иван Ҳил, вазири дифои Венесуэла гуфтааст, ки Амрико ба кишвараш таҷовуз кардааст.

"Ҳадафи ин ҳамла, бешак тасарруфи захираҳои роҳбурдии Венесуэла, махсусан нафт ва канданиҳои фоиданок, талоши бо зӯр шикасти истиқлоли сиёсии кишвар аст. Онҳо ба ин муваффақ нахоҳанд шуд",- гуфтааст Ҳил.

АМАЛИЁТИ БЕ ҚУРБОНӢ

Рӯзномаи "The New York Times" бо такя ба як мансабдори венесуэлӣ навиштааст, ки дар пайи ҳамлаи Амрико ба Венесуэла наздики 40 нафар кушта шудаанд. Маълум нест, ки миёни онҳо нерӯҳои амрикоӣ ҳам ҳастанд ё не. Вашингтон дирӯз иддао карда буд, ки дар ин ҳамла талафоти ҷонӣ надидааст ва танҳо як чархболи Амрико сарнагун шудааст. Ба гуфтаи Вазорати ҷанги Амрико, дар ҳамла ба Венесуэла худуди 150 ҳавопаймои низомӣ, аз ҷумла ҷангандаҳову бомбафканҳо ширкат доштаанд. Ин ҳавопаймоҳо аз 20 пойгоҳи низомии гуногун ва аз киштиҳои Нерӯҳои дарёии Амрико парвоз кардаанд.

БО МАДУРО ЧӢ ШУД?

Мадуроро пас аз интиқол ба Амрико ба додгоҳ кашиданд.

Николас Мадуро, раисҷумҳури Венесуэла ва Силия Флорес, ҳамсари ӯ дар аввалин мурофиаи додгоҳӣ ҳамаи иттиҳомҳои алайҳашон эълоншударо рад карда, худро бегуноҳ хондаанд. Мурофиаи аввалини Мадуро ва ҳамсараш 5-уми январ дар Додгоҳи федералии ноҳияи Манҳэттени шаҳри Ню-Йорк, таҳти додрасии Элвин Ҳеллерштейн доир шуд.

Бар асоси гузориши расонаҳои амрикоӣ, додрас алайҳи Мадуро 4 иттиҳом, аз ҷумла "терроризми маводи мухаддир" ва "нигоҳдории силоҳу дастгоҳҳои маводи таркандаи харобиовар" эълон кардааст. Раисҷумҳури рабудашудаи Венесуэла ҳамаи иттиҳомҳоро рад карда, гуфтааст, ки ҳамоно худро раисҷумҳури кишвараш медонад.

"Ман бегуноҳам. Ман инсони ботарбият ҳастам. Ман ҳамоно раисҷумҳури кишвари худ ҳастам",- гуфтааст Мадуро.

Ба навиштаи "ББС", ҳамсари ӯ ҳам, ки ба фурӯши маводи мухаддир ва аслиҳа гумонбар аст, айбҳои нисбаташ эълоншударо рад карда, худро бегуноҳ донистааст. Мурофиаи навбатии Мадуро рӯзи 17-уми март баргузор хоҳад шуд. Ҳоло танишҳо миёни Амрико ва Венесуэла идома доранд. Сомонаи pressa.tj ва саҳифаҳои онро дар шабакаҳои иҷтимоӣ пайгирӣ кунед ва аз хабарҳои тоза огоҳӣ пайдо намоед.

КУМАКИ ОЗОДА РАҲМОН БА МОДАРИ ҚОБИЛҶОН



Озода Раҳмон, роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Тоҷикистон ба Нилуфар Сафоева, модари Қобилҷон Алиев, навраси 10-солаи тоҷик, ки поёни соли 2025 дар мактабе дар канораи Маскав бар пояи нафрати миллӣ аз сӯйи як навраси 15-солаи рус кушта шуд, 300 ҳазор сомонӣ (тахминан 30 ҳазор доллар) кумак кардааст.

Дар ин бора хабаргузории давлатии “Ховар” хабар дода, навиштааст, ки “ин иқдом ва дастгирӣ нишони ҳамбастагӣ, ғамхорӣ ва қадршиносии арзишҳои инсонӣ дар ҷомеа мебошад”.

Пештар аз ин ба Нилуфар Сафоева аз сӯйи Ҳукумати Тоҷикистон хона тақдим шуда буд. Ҳамчунин, тибқи иттилои дастрас, Умар Алиматов, яке аз соҳибкорони кишвар масъул шудааст, ки Нилуфар Сафоеваро бо кори маошаш 10 ҳазор сомонӣ (ҳудуди 1000 доллар) таъмин кунад.

Ёдовар мешавем, ки Қобилҷон Алиев 16-уми декабр дар мактабе дар вилояти Маскав бар пояи “нафрати миллӣ” кушта шуд. Ҷасади ӯ рӯзи 18-уми декабр ба Тоҷикистон оварда шуда, ҳамон рӯз дар зодгоҳаш - деҳаи Аҷами ноҳияи Шаҳринав ба хок супорида шуд.

Кумитаи тафтишоти Русия дар робита ба ин куштор як шаҳрванди 15-сола ва шаҳрванди Русияро бездошт карда, нисбат ба ӯ бо иттиҳоми



куштор ва сӯиқасд ба куштор (моддаи 105, қисми 3, моддаи 30, қисми 2 Кодекси ҷиноятии Русия) парванда боз карда, бо қарори додгоҳ барои 2 моҳ ба ҳабси пешакӣ гирифт.

Мақомоти Тоҷикистон ин кушторро маҳкум карда, ба мақомоти Русия “нота” ва барои таҳқиқи беғаразонаву саривақтии ҷиноят дархосту мактуб ирсол карданд.

Ҳоло тафтиши ин парванда аз сӯйи мақомоти Русия идома дорад.

ЗОДА ШУДАНИ 700 ТИФЛ ДАР ШАБИ СОЛИ НАВ

Шаби 31-уми декабри соли 2025 ба 1-уми январи соли 2026, яъне шаби Соли нав дар Тоҷикистон 698 кӯдак таваллуд шудааст. Дар ин бора аз Вазорати тандурустии кишвар хабар доданд.

Ба гуфтаи манбаъ, дар шаби Соли нав:

- дар вилояти Хатлон - *248 кӯдак;*

- дар вилояти Суғд - *162 кӯдак*;

- дар ВМКБ - *8 кӯдак;*

- дар шаҳри Душанбе - *120 кӯдак;*

- дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ - 160 кӯдак

зода шудааст.

Бояд гуфт, ки дар шаш моҳи аввали соли гузашта дар Тоҷикистон 117 ҳазору 932 кӯдак таваллуд шудааст, ки назар ба ҳамин давраи соли 2024-ум (114 ҳазору 627) 3 ҳазору 305 тифл зиёд мебошад.

Ҳамчунин, дар ин давра 17 ҳазору 387 нафар дар Тоҷикистон фавтидааст, ки дар муқоиса ба нимаи якуми соли гузашта (16 ҳазору 778 фвт) 609 фавт бештар аст. То 1-уми июли соли 2025 теъдоди аҳолии Тоҷикистон бо дарназардошти сабти таваллуд, фавтида ва муҳоҷират ба 10 млн 603,8 ҳазор нафар расидааст.



НАҚШИ ДУШАНБЕ ДАР РУШДИ ИҚТИСОД

Дар зарфи 11 моҳи соли 2025 ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти минтақавии шаҳри Душанбе ба 23,8 миллиард сомонӣ расидааст. Ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 8,2 фоиз афзоиш ёфтааст. Ин аз устувории рушди иқтисодии пойтахт шаҳодат медиҳад.



Ин рақам дар гузориши раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ дар ҷаласаи вакилони халқи шаҳри Душанбе садо дод. Муҳимтарин нукта дар ин омор он аст, ки ҳиссаи пойтахт дар маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар ба 20,2 фоиз баробар шудааст. Чунин саҳми баланд нақши калидии пойтахтро дар рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат боз ҳам равшантар месозад.

Коршиносон бар он назаранд, ки афзоиши ҳаҷми маҳсулоти минтақавӣ пеш аз ҳама ба рушди бахшҳои хизматрасонӣ, савдо, сохтмон ва соҳибкории хурду миёна вобастагӣ дорад. Дар солҳои охир Душанбе ба маркази ҷалби сармоя, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва татбиқи лоиҳаҳои инфрасохторӣ табдил ёфтааст. Ин омилҳо ба болоравии нишондиҳандаҳои иқтисодӣ мусоидат мекунанд. Саҳми зиёди Душанбе дар ММД-и кишвар аз як тараф нишонаи пешрафт аст, аммо аз ҷониби дигар зарурати тақвияти иқтидори истеҳсолии минтақаҳои дигарро ба миён меорад. Таҳкими иқтисоди вилоятҳо метавонад ба коҳиши муҳоҷират ба пойтахт ва рушди мутавозини кишвар мусоидат намояд. Дар маҷмуъ, рақамҳои пешниҳодшуда нишон медиҳанд, ки Душанбе ҳамчун муҳаррики асосии иқтисоди миллӣ боқӣ мемонад. Бо идомаи ислоҳот, ҷалби сармоя ва рушди бахшҳои истеҳсолӣ, интизор меравад, ки нақши пойтахт дар рушди иқтисоди Тоҷикистон боз ҳам тақвият ёбад.

РЕЗААХБОР

Дар пайи зиёд шудани ҳаҷми нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ки аз 1-уми январи соли 2026-ум 3 сомонӣ афзуд, нархи парастории тифлон дар кӯдакистонҳои давлатӣ низ боло рафт. Акнун волидайн барои нигоҳубини кӯдаконашон ба ҷойи 150 сомонӣ 156 сомонӣ пардохт мекунанд. Қаблан 1 нишондиҳанда барои ҳисобҳо 75 сомонӣ буд ва аз 1-уми январи соли 2026 он 78 сомонӣ муқаррар гардид. Ин талабот ба боғчаҳои хусусӣ дахл надорад.

***

Нашрияи “Коммерсант” навиштааст, ки идораи Хадамоти федералии амнияти Русия дар вилояти Перм Сайфиддин Одинаев, раиси ҷамъият ё диаспораи тоҷикон дар вилояти Перми Русия ва зодаи Тоҷикистонро бо гумони “содир кардани амалҳое, ки ба амнияти Русия таҳдид мекунанд” 50 сол “депорт” кардааст. Дар ин бора нашрия рӯзи 30 декабр хабар дод. Назари худи Одинаев дар робита ба ин қазия маълум нест.

***

Соли равон дар кишвар ба маблағи 3 млрд сомонӣ сохтмони 300 километр роҳҳои мошингарди таъиноти байналмилалӣ ва ҷумҳурӣ оғоз мешавад. Аз ҷумла: Ваҳдат - Обигарм - 70 км; Гулистон - Кӯлоб - 33 км; Хоруғ - Роштқалъа - 39 км; Мурғоб - Кулма - 67 км; Балҷувон - Сарихосор - 55 км; Хистеварз - Конибодом - 10 км; Роҳҳои убуркунандаи шаҳри Кӯлоб - 11 км. Дар ин бора Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паём хабар дод.

***

Ба оилаи Зиреҳбон Наврӯзбеков, афсари тоҷик, ки дар пайи даргирӣ дар марзи Тоҷикистону Афғонистон рӯзи 24-уми декабр кушта шуд, дар шаҳри Хоруғ хонаи духуҷрагӣ тақдим шудааст. Ба иттилои ҳукумати ВМКБ, ин кор дар асоси дастури раисҷумҳури Тоҷикистон анҷом шуда, Алишер Мирзонабот, раиси ВМКБ калиди хонаро ба оилаи Зиреҳбон Наврӯзбеков супурдааст. Бояд гуфт, ин хидматчии Нерӯҳои марзбонии КДАМ ҳамроҳ бо Исматулло Қурбонов, марзбони дигари тоҷик рӯзи 24-уми декабр дар пайи даргирӣ бо як гурӯҳи мусаллаҳ аз Афғонистон дар марзи Тоҷикистон ҷон бохт.

НАПОЛЕОНИ АФҒОНИСТОН

Барге аз зиндагии Аҳмадшоҳи Масъуд


АҲМАДШОҲИ МАСЪУД ЯКЕ АЗ ШАХСИЯТҲОИ БУЗУРГ ВА БЕНАЗИРИ ПОЁНИ ҚАРНИ ХХ АСТ, КИ НА ТАНҲО ДАР ВАТАНИ ХУДАШ АФҒОНИСТОН, БАЛКИ ДАР ТАМОМИ ҶАҲОН ШУҲРАТ ДОШТ. ҲАМИН АСТ, КИ ДАР БОРАИ Ӯ ТО ИМРӮЗ БЕШ АЗ 30 КИТОБ ВА ҲАЗОРОН МАҚОЛА АЗ ҶОНИБИ МУАЛЛИФОНИ ГУНОГУНМИЛЛАТ НАВИШТА ШУДААСТ.

Китоби “Наполеони Афғонистон. Барге аз зиндагии Аҳмадшоҳи Масъуд” (Afghan Napoleon: The Life of Ahmad Shah Massoud), ки ба қалами журналист ва нависандаи маъруфи британиёӣ Санди Галл (Sandy Gall, тав. 1927 - ваф. 2025) тааллуқ дорад, яке аз беҳтарин асарҳо дар бораи шери Панҷшер аст. Ин китоб соли 2021 ба забони англисӣ чоп шуда, то ба имрӯз ба забонҳои гуногун тарҷума шудааст. Аз ҷумла, ин китоб аз ҷониби Самия Муруватӣ ба забони форсӣ тарҷума ва соли 1404 (2023) дар Эрон нашр шудааст.

Санди Галл журналисте аст, ки дар давраҳои ҳассосу пурошӯб, замоне, ки Аҳмадшоҳи Масъуд ба муқобили нерӯҳои Шуравӣ меҷангид, бори нахуст ба Афғонистон сафар мекунад ва бо ин фармондеҳи ҷавон ошно мешавад. Ҳамин тавр, сарнавишти Афғонистон ва рӯзгори фармондеҳи беназири он Аҳмадшоҳи Масъуд ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи ӯ қарор дошт ва асоси чанд китобаш шуд.

Китоби “Наполеони Афғонистон” роҳи зиндагии Аҳмадшоҳи Масъудро аз замони таваллуд то марг дар бар мегирад. Дар он шумо шоҳиди талошу муборизаҳои ӯ баҳри озодӣ ва ободии меҳанаш хоҳед шуд. Муаллиф Масъудро ба он сабаб “Наполеон” ном мебарад, ки ӯ стратегияи ҷангиро ба тарзи махсус истифода бурда, ҳаракати муқовимати миллиро алайҳи бегонагон тавсеа мебахшад ва ҳамин аст, ки бо вучуди талошҳои зиёд ӯро шикаст дода наметавонанд.

Ҳафтаномаи “Тоҷикистон” тасмим гирифт, ки пораҳо аз китоби Санди Галл “Наполеони Афғонистон”-ро чоп кунад. Нашри ин асарро мо дар остонаи таҷлили ҷашни 35-солагии Истиқлоли кишвар рамзӣ медонем, зеро Аҳмадшоҳи Масъуд пеш аз ҳама тоҷики мубориз буд ва барои таҳкими Истиқлоли Тоҷикистон низ саҳми шоиста дорад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо дар мавриди нақши Аҳмадшоҳи Масъуд ва Бурҳониддини Раббонӣ дар сулҳи Тоҷикистон ва ба ин васила таҳкими Истиқлоли кишвари мо таъкид кардаанд ва соли 2021, ба ифтихори 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои мусоидат ва миёнҷигарӣ ба баргузории музокироти байни тоҷикон дар солҳои 1993-1996 ва саҳми бузург дар раванди истиқрори сулҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Аҳмадшоҳи Масъуд ва Бурҳониддини Раббониро бо ордени “Исмоили Сомонӣ дараҷаи I” қадрдонӣ намуданд.





ЁДДОШТИ НАВИСАНДА

Барои аввалин бор дар тобистони соли 1982 Аҳмадшоҳ Масъудро дидам. Дар он замон ӯ як фармондеҳи чирикии ҷавон буд, ки дар кӯҳистонҳои Афғонистон бо Артиши Шуравӣ меҷангид. Савумин сол аз ишғоли Афғонистон тавассути Шуравӣ буд ва ахбори андаке аз садҳо ва ҳазорон инсони бегуноҳе, ки дар ин ҷанг кушта шуданд, ба хориҷ аз кишвар дарз мекард. Ман ба унвони як рӯзноманигор мехостам сар аз моҷаро дар биёварам. Яке аз мақомоти британиёӣ дар тавсифи Масъуд гуфта буд, ӯ як «Тито»-и ҷавон аст ва ӯро бо раҳбарони партизани ҷавон дар Югославия қиёс кард ва ҳамин тавсифҳо маро барои дидани ӯ бекарор ва мусаммам (тасмимёфта) мекард.

Ҳангоме ки дар ҳоли тахияи як барномаи яксоата барои «ITV» (шабакаи телевизионии британиёӣ) будам, Масъуд аз шаш ҳамлаи бузурги нерӯҳои рус ҷони солим ба дар бурда буд. Инъитофпазирӣ, ҳуш ва маҳоратҳои низомии ӯ дар баробари бомбаборонҳои беамон ва тактикаи «замини сӯхта»-и Шуравӣ дар канори мушаххасаи вижаи ӯ дар табдил ба «раҳбар» ба суръат ошкор шуд. Дар тӯли чаҳор соли оянда, ӯ ба сӯи шимол пешравӣ кард ва то поёни даҳаи 1980 бар саросари Шимолу Шарқи Афғонистон мусаллат шуд ва нақши калидӣ дар хуруҷи нерӯҳои Шуравӣ аз Афғонистон дар соли 1989 ифо кард. Дарвоқеъ, ӯ тавонист давлати коммунистиро сарнагун ва ба тасаллути русҳо бар кишвараш поён ва худро асилтарин фармондеҳи низомӣ нишон диҳад. Ман ғолибан ӯро дар амалиётҳои душвор медидам; бинобар ин, замоне ки мусаммам ба навиштани китоби хотироти Масъуд шудам, лоҷарам бояд ба гузоришҳои дасти аввал аз ҳаводиси майдонӣ дар он замон ишора мекардам. Баъдҳо аз писараш Аҳмад шунидам, ки Масъуд дар бештари авқот хотироти худро ба қалам овардааст. Ба лутфи хонадони Масъуд тавонистам теъдоде аз дафтарҳои хотироти ӯро мутолиа кунам. Аз ин рӯ, китоби ҳозир фақат як шарҳи ҳоли сода аз Масъуд нест, балки асорае аз хотирот ва мушоҳидоти шахсии ман ва хотироти Масъуд аст. Духтарам Карлота, нависанда ва рӯзноманигори «Ню Йорк Таймс» дар солҳои гузашта дар ҷамъоварӣ ва хониши нусахи хаттӣ бисёр кумакҳоли ман буд.

Бегумон, бузургтарин дастоварди Масъуд муқовимат дар баробари қудрати низомии артиши Шуравӣ буд ва ин китоб амиқан рӯйи ин муаллафа мутамарказ аст. Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравӣ тайи бомбаборонҳои ҳамаҷанба даст ба куштори беамони рустоиён зад, ки мунҷар ба хуручи беш аз 5 миллион нафар - баробар бо як савуми аҳолии Афғонистон ба кишварҳои ҳамсоя шуд. Ба тавре ки Феликс Эрмакора (Felix Ermacora), гузоришгари вижаи Созмони Милали Муттаҳид дар умури Афғонистон соли 1986 ҳушдор дод: “Ҷанг дар Афғонистон ба самти наслкушӣ меравад ва набояд иҷоза дод сунан ва фарҳанги ин мардуми наҷиб дар ин гирдоб биафтад”.

Дар тайи даҳ соли ҳузури нерӯҳои Шуравӣ дар Афғонистон тахмин зада мешавад, ки ҳудуди як миллион афғон ҷон бохта бошанд ва осор ва пайомадҳои ин ишғол ҳамчунон домангири мардум ва давлати Афғонистон аст. Масъуд ва дигар муҷоҳидин бо иҷбори Шуравӣ ба хуруҷ аз Афғонистон дарси муҳимеро ба ҷаҳон доданд: «Як абарқудрат ҳақ надорад як кишвари кӯчак ва камтар тавсеаёфтаро зери юғи худ кашад». Ҳамчунин, ин китоб ба муборизоти баъдии ӯ муқобили Толибон ва Алқоида низ мепардозад ва асосан ин муборизот низ дар идомаи муқовимат бар зидди мудохилоти хориҷӣ қарор мегирад.

Ман талош кардам ба аъмоки вучуди ин мард нуфуз кунам, зеро Масъуд, ҳамон гуна ки хотироташ гувоҳӣ медиҳад, як мудири тавоно, стратежист, фарҳехта, одобдон ва алоқаманд ба шеъру адабиёт буд. Ҳангоме ки Масъуд Кобулро барои охирин бор дар соли 1996 тарк кард, ҳудуди ду ҳазор ҷилд китоб бо худ бурд.

Номи «Наполеон»-ро замоне бар ӯ ниҳодам, ки мутталеъ шудам, Гери Уорнер, намояндаи собиқи «MI6» дар Шарқи Дур пас аз ҳамлаи Шуравӣ ба Афғонистон ба афсараш дастур дода буд: «Биравед ва бароям як муҷоҳиди афғон бо қобилиятҳои Наполеон - афсари тӯпхона, ки ба бузургтарин фармондеҳи низомии Аврупо ва императори Фаронса табдил шуд - пайдо кунед». Англисҳо ин зарфиятро дар Масъуд диданд ва муваффақиятҳои Масъуд исботкунандаи саҳеҳ будани назари онҳо буд.

(Давом дорад)

Баргардон ва таҳияи
О. НОЗИР

БОЗОР



ЧАРО ГӮШТИ МАҲАЛЛӢ ДАР БОЗОР КАМЧИНУ ҚИМАТ ШУД?

ОМОРИ РАСМӢ АЗ ҚАРИБ ПУРРА ТАЪМИН ГАРДИДАНИ АҲОЛИИ ТОҶИКИСТОН БО ГӮШТИ МАҲАЛЛӢ ХАБАР МЕДИҲАД. АММО ВОҚЕИЯТ ДАР БОЗОРҲОИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ ЧИЗИ ДИГАРРО НИШОН МЕДИҲАД. ДАР МОҲҲОИ ОХИР ГӮШТИ ВОРИДОТӢ АЗ ҚАЗОҚИСТОН ВА БЕЛАРУС БА ТАВРИ НАЗАРРАС ЗИЁД ШУДААСТ. ГӮШТИ ГОВУ ГӮСФАНДИ МАҲАЛЛӢ ҲАМ КАМЧИН ВА ҲАМ ГАРОН БОҚӢ МОНДААСТ.

БОЗОР ЧӢ МЕГӮЯД?

Тибқи мушоҳидаҳо, нархи як кило гӯшти воридотӣ дар бозорҳои Душанбе аз 75 то 85 сомонӣ аст. Дар муқоиса, гӯшти маҳаллӣ бо нархи 100-115 сомонӣ ва дар баъзе марказҳои савдо ҳатто то 200 сомонӣ пешниҳод мешавад. Бо вуҷуди ин, аксари харидорон гӯшти маҳаллиро аз лиҳози сифат ва масза авлотар медонанд. Вале қиматӣ ва камёфт будани он онҳоро маҷбур мекунад, ки ба гӯшти арзонтар рӯ оранд.

Фурӯшандагон эътироф мекунанд, ки фурӯши гӯшти маҳаллӣ барои онҳо фоидаи кам дорад. Сабаб дар он аст, ки мақомоти давлатӣ нархи расмии як кило гӯшти маҳаллиро 85 сомонӣ муқаррар кардаанд, дар ҳоле ки арзиши воқеии он дар бозор баландтар аст. Дар чунин шароит, бисёре аз фурӯшандагон танҳо гӯшти воридотӣ мефурӯшанд ё тамоман аз фурӯши гӯшти ватанӣ даст мекашанд.

ОМОР ВА ИХТИЛОФИ ОН

Вазорати кишоварзии Тоҷикистон хабар медиҳад, ки дар 11 моҳи соли 2025 дар кишвар 375 ҳазор тонна гӯшт истеҳсол шудааст. Аз ин миқдор 42,5 ҳазор тонна гӯшти паранда буда, ҳаҷми умумӣ қариб талаботи солонаи кишварро, ки тақрибан 390 ҳазор тонна арзёбӣ мешавад, қонеъ месозад. Ба гуфтаи мақомот, воридоти гӯшт то декабри соли 2025 ҳамагӣ 8 ҳазор тоннаро ташкил додааст.

Вале гӯшти фаровони воридотӣ дар бозорҳои пойтахт нишон медиҳад, ки ё қисми зиёди гӯшти маҳаллӣ ба бозор роҳ намеёбад ё омор ба воқеият наздик нест.

НАРХГУЗОРИИ МАЪМУРӢ ВА ПАЁМАДҲОИ ОН

Ҳоло яке аз омилҳои асосии камчинии гӯшти маҳаллӣ дар нархгузории маъмурӣ мебошад. Муайян кардани нархи ягона барои маҳсулоте, ки харочоти истеҳсолаш афзоиш ёфтааст, фурӯшандаҳо ва истеҳсолкунандаҳоро аз ворид намудани гӯшти маҳаллӣ ба бозор бозмедорад. Дар натича бозор бо гӯшти арзонтари воридотӣ пур мешавад. Ичозати воридоти гӯшти хоричӣ, ки ҳадафи он поён бурдани нархи умумии бозор аст, ба таври кӯтоҳмуддат барои истеъмолкунанда фоидаовар менамояд. Аммо дар дарозмуддат ин сиёсат метавонад ба истеҳсолкунандагони маҳаллӣ зарба занад ва вобастагии бозорро аз маҳсулоти хоричӣ бештар намояд.

АЗ МЕЪЁРИ ИСТЕЪМОЛ ТО НИГАРОНИИ ХАРИДОРОН

Мақомот болоравии нархи гӯштро ба афзоиши талабот ва зиёд шудани ошхонаҳо рабт медиҳанд. Аммо тибқи маълумоти пойгоҳи “Геостатистика”, Тоҷикистон дар соли 2025 миёни кишварҳои ИДМ аз рӯи истеъмоли гӯшт дар ҷойи охирин қарор доштааст. Ҳар сокин дар як сол ба ҳисоби миёна 35,9 килограмм гӯшт истеъмол кардааст, ки аз меъёри расмии 40,8 килограмм камтар аст. Дар муқоиса, дар Қазоқистон, Русия ва Беларус истеъмоли солонаи гӯшт ду баробар зиёд мебошад.

Аммо бисёре аз сокинон аз сифати гӯшти воридотӣ изҳори нигаронӣ мекунанд. Ба гуфтаи онҳо, ин гӯшт равғани зиёд дошта, маззааш аз гӯшти чорвои маҳаллӣ фарқ мекунад. Бо вуҷуди ин, дар аксар бозорҳо ошкоро гуфта намешавад, ки гӯшт аз кадом кишвар аст. Агар харидори шинос бошад, мефаҳмад, ки гӯшт маҳаллӣ аст ё воридотӣ.

Ҳамин тавр, камчинии гӯшти маҳаллӣ дар бозорҳои Душанбе на аз набудани истеҳсол, балки аз чанд омил - нархгузории маъмурӣ, фоидаи кам барои фурӯшанда, сиёсати воридоти гӯшти арзон ва назорати шадиди бозор аст.

МАЪРИФАТИ МОЛИЯВӢ

ИЛОН МАСК ЧӢ ГУНА МУВАФФАҚ ШУД?

Илон Маск яке аз маъруфтарин соҳибкорон ва навоварони асри XXI ба ҳисоб меравад. Ӯ бо андешаҳои бузург ва ҷуръат тавонист соҳаҳои гуногун - аз мошинсозӣ то кайҳоннавардиро дигаргун созад. Имрӯз номҳои Tesla, SpaceX ва Neuralink бо номи ӯ зич алоқаманданд.



ОҒОЗИ РОҲИ Ӯ

Илон Маск 28-уми июни соли 1971 дар шаҳри Претория Африқои Ҷанубӣ таваллуд шудааст. Падараш муҳандис ва модараш модел ва диетолог буд. Дар кӯдакӣ ӯ писари ором ба ҳисоб мерафт ва дар мактаб борҳо мавриди масхара қарор гирифтааст. Бо вуҷуди ин, Маск китобхонӣ, компютер ва технологияро бисёр дӯст медошт. Ӯ дар 12-солагӣ ба барномасозӣ шавқ пайдо кард. Ин шавқи барвақт ба технология заминаи роҳи ояндаи ӯ гардид.

МУҲОҶИРАТ, ТАҲСИЛ ВА ҚАДАМҲОИ АВВАЛ ДАР БИЗНЕС

Пас аз хатми мактаб, Маск ба донишгоҳи Претория дохил шуд, аммо баъд аз муддате ба Канада кӯчид. Баъдан таҳсилашро дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико идома дода, дар Донишгоҳи Пенсилвания дараҷаи бакалаврро аз рӯйи иқтисод ва физика гирифт. Дар ин давра ӯ бештар ба таҷрибаҳои амалӣ ва стартапҳо таваҷҷуҳ дошт.

Соли 1995 Маск ҳаммуассиси ширкати Zip2 шуд, ки ба таҳияи барномаҳои компютерӣ машғул буд. Пас аз фурӯши ин ширкат ӯ 22 миллион доллар ба даст овард. Лоиҳаи навбатии ӯ X.com буд, ки баъдтар ба PayPal табдил ёфт. Соли 2002 PayPal бо маблағи 1,5 миллиард доллар фурӯхта шуд ва саҳми Маск аз ин 180 миллион долларро ташкил дод. Ин аввалин муваффақияти бузурги молиявии ӯ буд.

TESLA - ИНҚИЛОБ ДАР МОШИНСОЗӢ

Дар замоне, ки бисёриҳо ба ояндаи мошинҳои барқӣ бовар надоштанд, Илон Маск ба ин соҳа сармоягузорӣ кард. Ӯ ба ширкати Tesla ҳамроҳ шуда, бо хатарҳои зиёд онро рушд дод. Ҳарчанд солҳои аввал ширкат қариб муфлис шуд, бо сабр ва эътимод ба идея Tesla имрӯз ба яке аз пешсафони чаҳонӣ дар истеҳсоли мошинҳои барқӣ табдил ёфтааст.

SPACEX - ОРЗУИ КАЙҲОНӢ

Соли 2002 Маск ширкати «SpaceX»-ро таъсис дод. Ҳадафи асосии он кам кардани хароҷоти парвозҳои кайҳонӣ ва омода намудани инсоният барои зиндагӣ дар сайёраҳои дигар буд. Дар оғоз чандин партоби мушакҳо ноком шуданд, аммо ӯ таслим нашуд. Ниҳоят, SpaceX аввалин ширкати хусусӣ гардид, ки мушакро бомуваффақият ба кайҳон фиристода, бозгардонд.

NEURALINK - ПАЙВАНДИ ИНСОН ВА ТЕХНОЛОГИЯ

Ширкати «Neuralink» бо ҳадафи омӯзиши мағзи инсон ва пайваст кардани он бо компютер таъсис ёфтааст. Ин лоиҳа барои кумак ба беморон ва рушди қобилиятҳои инсон дар оянда равона шудааст. Лоиҳаи мазкур яке аз ҷасуронатарин ташаббусҳои Маск ба шумор меравад.

СИРРИ МУВАФФАҚИЯТ

Илон Маск мегӯяд, ки инсон бояд фикри бузург дошта бошад, аз хато кардан наҳаросад, дар лаҳзаҳои душвор сабр нишон диҳад. Ӯ бовар дорад, ки меҳнати пайваста, таваккал ва эътимод ба худ метавонанд ҳатто орзуҳои ба назар ғайриимконро амалӣ созанд. Илон Маск намунаест, ки чӣ гуна як ҷавони одӣ метавонад бо заҳмату ирода ба шахсияти сатҳи ҷаҳонӣ табдил ёбад.

Усмон РАҲИМЗОДА

КИШВАРЕ, КИ ОЯНДАРО ИМРӮЗ МЕСОЗАД

Тафсилоти як сафар ба Ҳиндустон



Ҳавопаймо ҳанӯз дар ҳаракат буд, ки ман ба манзараи фурудгоҳ нигариста, эҳсос кардам, ки ин сафар одӣ нахоҳад буд. Фурудгоҳи Деҳлӣ он Ҳиндустоне набуд, ки чанд сол қабл дида будам, ё аз тариқи телевизион мешинохтам. Деҳлиро пурҳаракат, ҷавон ва соҳибэътимод ба фардои худ дарёфтам. Фаҳмидам, ки ба кишваре омадам, ки на дар гузашта, балки дар оянда зиндагӣ мекунад.

Бо ҳамин эҳсос, ҳамроҳ бо раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон Зиннатулло Исмоилзода, рӯзноманигор Сайфиддин Суннатӣ ва гурӯҳе аз ҳамкасбон аз Осиёи Марказӣ ба сафари даҳрӯзаи Ҳиндустон баромадем. Сафаре аз Деҳлӣ то Ҳайдаробод, ки ҳар рӯзи он як нигоҳи кӯҳнаро мешикаст ва ҳар қадамаш саволи нав ба миён меовард: чӣ гуна кишваре бо чунин теъдоди аҳолӣ, мушкилоти зиёд ва таърихи мураккаб тавонистааст ба яке аз марказҳои муҳими ҷаҳон табдил ёбад?

ДЕҲЛӢ МОРО ЧӢ ТАВР ПЕШВОЗ ГИРИФТ?

Деҳлӣ моро бо фурудгоҳи муосир, роҳҳои васеъ ва инфрасохтори замонавӣ пешвоз гирифт. Аз соатҳои аввал эҳсос мешуд, ки шаҳр дар ритми баланд зиндагӣ мекунад. Метрои замонавӣ, ҳаракати мунтазами нақлиёт, пардохтҳои рақамӣ сари ҳар қадам - ҳама чиз аз он шаҳодат медод, ки технология дар ин ҷо намоиш нест, балки ба одати маъмулии мардумаш табдил ёфтааст.

Дар кӯчаҳо одамон бо телефонҳои ҳамроҳ ҳисоб мекунанд, хизматрасониҳо онлайн аст, ҳатто ниҳодҳои давлатӣ ба шакли рақамӣ гузаштаанд. Барои мо - журналистон ин на танҳо манзара, балки маводи зинда барои андеша буд: чӣ гуна давлат метавонад технологияи муосирро ба як ҷузъи табиии зиндагии ҳаррӯза табдил диҳад.

ҲАЙДАРОБОД: ҚАЛБИ ОЯНДАИ ТЕХНОЛОГӢ

Агар Деҳлӣ бештар чеҳраи сиёсӣ ва таърихии кишварро нишон диҳад, пас Ҳайдаробод симои оянда Ҳиндустон аст. Дар минтақаи HITEC City биноҳои осмонбӯси шишагӣ, кампусҳои ширкатҳои ҷаҳонӣ ва муҳити пурэнергияи ҷавонӣ ҳукмфармост. Ин ҷо вақт гӯё тезтар мегузарад ва фикрҳо ҳам бо суръати бештар ҳаракат мекунанд.

Боздид аз T-Hub яке аз лаҳзаҳои калидии сафар буд. Ин экосистемаи бузурги стартапӣ на танҳо бино, балки муҳит аст. Муҳите, ки дар он ғояҳо озодона рушд мекунанд, нокомӣ таҷриба ҳисоб мешавад ва ҷуръат арзиш дорад. Дар ҳар гӯша гурӯҳҳои ҷавонро медидем, ки бо чашмони пур аз боварӣ лоиҳаҳои худро баррасӣ мекунанд.

Дар паҳлуи T-Hub маркази T-Works ҷойгир аст - лабораторияи воқеии прототипсозӣ. Дар ин ҷо идея ба маҳсулот табдил меёбад. Дастгоҳҳои муосир, принтерҳои 3D, лабораторияҳо - ҳама чиз барои он аст, ки наовар тарс надошта бошад. Ин ҳамоҳангии фикр ва амал яке аз сирҳои муваффақияти модели ҳиндист.

ДАВЛАТ ВА ТЕХНОЛОГИЯ

Мулоқотҳо бо намояндагони сохторҳои давлатӣ равшан нишон доданд, ки сиёсати рақамӣ дар Ҳиндустон танҳо дар сатҳи барнома ва ҳуҷҷат боқӣ намондааст. Системаҳои Aadhaar, UPI ва DigiLocker кайҳо ба ҷузъи табиии зиндагии ҳаррӯзаи садҳо миллион нафар табдил ёфтаанд. Дар ин ҷо давлат дигар пушти деворҳои бюрократӣ пинҳон нест, он ба дасти мардум, ба экрани смартфон наздик омадааст ва бо онҳо бо забони технологияи нав суҳбат мекунад.

Дар суҳбатҳо борҳо таъкид мешуд, ки ҳадаф танҳо истифодаи технология не, балки эҷоди он аст. Ҳиндустон мехоҳад истеҳсолкунанда бошад, на истеъмолкунанда. Ин фалсафа дар ҳама сатҳҳо эҳсос мешавад - аз маориф то саноат.

БОЛЛИВУД АЗ ДАРУН: СИНАМО ҲАМЧУН САНОАТ

Сафари мо ба Ramoji Film City чеҳраи дигаре аз Ҳиндустонро кушод. Ин на танҳо маркази синамо, балки як шаҳри комил аст. Фурудгоҳ, беморхона, зиндон, кӯчаҳои “Лондон” ва “Париж”, ҳама чиз барои он аст, ки филмсоз дар як макон тамоми дунёро эҷод кунад. Дар ин ҷо кино на танҳо фарҳанг, балки иқтисод аст. Он ҷойҳои корӣ месозад, сайёҳиро рушд медиҳад ва ба кишвар нуфузи байналмилалӣ мебахшад. Баъдтар, дар суҳбатҳо фаҳмидем, ки студияҳои ҳиндӣ имрӯз барои бозори ҷаҳонӣ, ҳатто барои Голливуд кор мекунанд.

ИНСОН - ҚУВВАИ АСОСӢ

Дар ҳама мулоқотҳо як мавзуъ такрор мешуд: аҳолии ҷавон. Синни миёнаи аҳолии Ҳиндустон ҳамагӣ 29 сол аст. Ин рақам рамзи оянда аст. Дар ҳоле ки бисёр кишварҳо бо пиршавии аҳолӣ рӯ ба рӯянд, Ҳиндустон захираи бузурги инсонии худро ба нерӯи пешбаранда табдил додааст.

Зинатулло Исмоилзода дар яке аз суҳбатҳо миёни ҳайат ба нуктаи муҳим ишора кард: «Ҳар ҷо равем, ҷавононро мебинем, ҷавонони фаъол, босавод ва боэътимод».

Ин эҳсос тасодуфӣ нест. Он на танҳо дар мегаполисҳои калон, балки дар тамоми фазои иҷтимоии кишвар эҳсос мешавад, гӯё Ҳиндустон бо нерӯи ҷавононаш нафас мекашад ва ба оянда қадам мегузорад.

Ин ҷавонон на танҳо истеъмолгари имкониятҳо, балки офарандагони онҳо ҳастанд. Дар донишгоҳҳо, марказҳои инноватсионӣ, стартапҳо ва ҳатто дар идораҳои давлатӣ дида мешавад, ки чӣ гуна насли нав масъулиятро бар дӯш мегирад. Онҳо аз савол додан наметарсанд, аз шикаст шарм намекунанд ва ба худ бовар доранд.

Дар суҳбатҳои кӯтоҳ, дар нигоҳҳои пур аз ҷустуҷӯ ва дар тарзи суханронӣ эҳсос мешавад, ки ин насл худро танҳо коргар ё иҷрокунанда намедонад. Онҳо худро қисми як лоиҳаи бузург мешуморанд - лоиҳаи кишвар. Шояд маҳз ҳамин ҳисси иштирок ва масъулияти муштарак аст, ки Ҳиндустонро ба пеш мебарад: вақте ҷавонон медонанд, ки садояшон шунида мешавад ва оянда на аз берун, балки аз дасти худи онҳо шакл мегирад.



ДАРСИ САФАР БАРОИ МО

Ин сафар барои мо - журналистони Осиёи Марказӣ танҳо як боздид набуд, он дарси воқеӣ шуд: дарс дар бораи сармоягузорӣ ба инсон, дар бораи сохтани муҳит, дар бораи сабр ва стратегияе, ки на ба як сол, балки ба даҳсолаҳо нигаронда шудааст. Ҳиндустон, чун ҳама кишварҳои дигар, комил нест, мушкилот дорад, аммо як бартарии муҳимро низ дорост - самти ҳаракаташ равшан ва мақсадаш муайян аст.

Мо ба ватан на танҳо бо таассурот, балки бо андеша баргаштем. Андешае, ки оянда худ аз худ ба вуҷуд намеояд, онро месозанд. Бо маориф, бо технология ва пеш аз ҳама, бо эътимод ба инсон.

Бо ҳамин эътимод Ҳиндустон имрӯз роҳи худро ором, пайгирона ва бо ҳисси масъулият пеши наслҳои оянда месозад. Ин кишвар на аз муқоиса бо дигарон қувват мегирад ва на аз тарси ақиб мондан, балки аз бовар ба имкониятҳои худ. Шояд маҳз ҳамин сифат аст, ки онро дар ҷаҳони пуррақобат ба яке аз бозигарони асосӣ табдил додааст.

Барои мо ин сафар танҳо як таҷрибаи хориҷӣ набуд. Он даъвате буд ба андеша ва бозбинӣ: чӣ гуна метавонем дар кишварҳои худ низ муҳите бисозем, ки дониш арзиш бошад, ҷуръат пуштибонӣ ёбад ва инсон дар маркази ҳама қарорҳо қарор гирад. Агар ин фаҳмиш ба амал табдил ёбад, он гоҳ сафар воқеан маънои худро пайдо мекунад - ҳамчун қадаме ба сӯи оянда, ки онро худи мо месозем.

Ин гузориш танҳо нақли як сафар нест. Ин талоши фаҳмидани кишварест, ки имрӯз бо бовар ба фардо ҳаракат мекунад. Ҳиндустон нишон дод, ки ҳатто бо мушкилоти зиёд метавон роҳи рушдро ёфт, агар инсон дар маркази сиёсати давлатӣ қарор гирад. Ва маҳз ҳамин фаҳмиш аст, ки ин кишварро аз доираи мушоҳида ба доираи таъсир мебарад. Ҳиндустон имрӯз на танҳо тағйир меёбад, балки таҷрибаи худро ба ҷаҳон пешниҳод мекунад - таҷрибаи сабр, пайгирӣ ва сармоягузорӣ ба оянда. Барои мо, ки аз ин сафар баргаштаем, ин на танҳо як хулоса, балки як саволи ҷиддист: то кучо метавон инсонро ба маркази сиёсати худ баргардонд ва ба фардое бовар кунонд, ки онро худ бояд бисозад?

Дар анҷом мехоҳам миннатдории самимии худро ба Сафорати Ҳиндустон дар Тоҷикистон баён намоям, ки ташаббуси созмон додани чунин сафари журналистиро ба дӯш гирифт. Ин сафар барои мо на танҳо имкони дидани Ҳиндустон, балки имкони андешидан, муқоиса кардан ва омӯзиш буд. Боварӣ дорем, ки чунин робитаҳои касбӣ ва фарҳангӣ дар оянда низ идома хоҳанд ёфт ва ба таҳкими ҳамкории миёни кишварҳо хизмат мекунанд.

Сиёвуш Ҳ.
Душанбе - Деҳлӣ - Ҳайдаробод

Шариф Ҳамдампур:

ЖУРНАЛИСТ ШОҲИДИ ЗАМОН АСТ, НА ХИЗМАТГОРИ ФУРСАТ



РӮЗНОМАИ МАЪРУФИ «САМАРКАНДСКИЙ ВЕСТНИК», КИ НА ТАНҲО ДАР ВИЛОЯТИ САМАРҚАНД, БАЛКИ ДАР ТАМОМИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ХОНАНДА ДОРАД, ДАР ПОЁНИ СОЛИ 2025 БО САРМУҲАРРИРИ ҲАФТАНОМАИ "ТОҶИКИСТОН" ШАРИФ ҲАМДАМПУР МУСОҲИБА НАШР КАРД. ТАРҶУМАИ ОН СУҲБАТРО МАНЗУРИ ШУМО МЕГАРДОНЕМ.

- Муҳтарам Шариф Ҳамдампур, биёед суҳбатамонро аз шиносоӣ оғоз мекунем. Каме дар бораи худ ба хонандагони мо бигӯед.

- Агар аз равзанаи имрӯз ба гузашта назар андозам, роҳи тайкардаи камина одиву маъмулист: мактаб, донишгоҳ, аввалин қадамҳо дар ҷодаи рӯзноманигорӣ. Вале, маҳз дар ҳамин пайроҳаи сода муносибати банда бо сухан ва эҳсоси масъулият шакл гирифт. Интихоби огоҳонаи касб маро ба факултети журналистикаи Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов, ба мактабе овард, ки дар он на танҳо касбият, балки дарси масъулият омӯхта мешуд. Таҷрибаомӯзӣ ва давраи аввали фаъолияти рӯзноманигориро дар «Комсомольская правда» - нашрияе, ки дар он солҳо на танҳо машҳур буд, балки дар ташаккули афкори ҷомеа нақши бориз дошт, оғоз кардам.

Як лаҳзаи бидуни муболиға бароям муҳим, соли 1983 иштирок дар озмуни байналмилалии «Комсомольская правда» буд. Очеркам таҳти унвони «По следу лазурита» дар озмуни ин рӯзнома ғолиб омад... Пас аз бозгашт ба Тоҷикистон, рӯзноманигориро дар Душанбе идома додам. Ибтидо муҳаррири илмии маҷаллаи «Коммунист Таджикистана», сипас шореҳи ҳафтаномаи «Омӯзгор» будам. Соли 1990 маро ба вазифаи котиби масъули рӯзномаи навтаъсиси парлумон «Садои мардум» пешбарӣ карданд. Сармуҳаррир Муродуллоҳ Шерализода инсони поктинат, принсипнок ва боҷасорат буд. Ӯ аввалин қурбонии ҷанги шаҳрвандӣ шуд.

Роҳи ман ҳамин тавр идома ёфт. Имрӯз муаллифи қариб даҳ китоб ҳастам. Се китобам дар Москва бо забони русӣ нашр шудаанд: «Похищенный алфавит», «Взгляд: лица и события от Памира до Кремля», «Разрушение баланса и падение Рахмона Набиева». Китобҳои боқимонда ба забони тоҷикӣ ба табъ расидаанд, ки «Президент - тафсилоти як сафари пурхатар», «Чунин гуфт: оне ки буду оне ки ҳаст», «Достони писари муаллим» аз ин ҷумлаанд. Китоби навам "Вақте ки ҳақиқат тир хӯрд" ба наздикӣ бахшида ба 80-солагии Муродуллоҳ Шерализода чоп шуд...



https://t.me/samvest СВ 3

Гость номера

Журналист - свидетель времени, а не слуга момента

Он принадлежит к поколению журналистов, для которых слово было всегда выбором. За десятилетия работы Шариф Хамдампур стал свидетелем эпохи - от советской журналистики до трагических страниц новейшей истории Центральной Азии. В разговоре с "Самаркандским вестником" он говорит о миссии журналиста и ответственности слова.

- Уважаемый Шариф Хамдампур, давайте начнем со знакомства. Расскажите о себе нашим читателям.

- Если оглянуться назад, мой путь может показаться вполне обычным для человека моего поколения: школа, университет, первые поиски себя. Но именно в этой, на первый взгляд, обыденности и формировались характер, отношение к слову и чувство ответственности за него. Осознанный выбор профессии привел меня на факультет журналистики Московского государственного университета имени М. В. Ломоносова - школу, которая учит не только ремеслу, но и ответственности перед читателем. Практику и первые годы работы я прошел в "Комсомольской правде". Для меня она была и любимой газетой, и высокой профессиональной планкой. Особым, без преувеличения судьбоносным моментом стало участие в 1983 году в международном конкурсе "Комсомольской правды" с очерком "По следу лазурита", где я стал победителем. Вернувшись в Таджикистан, я продолжил работать уже на родной земле: был научным редактором журнала "Коммунист Таджикистана", затем обозревателем газеты "Омузгор". В 1990 году мне доверили должность ответственного редактора только что созданной парламентской газеты "Садои мардум". Главным редактором тогда был Муродуллох Шерализода - человек редкой принципиальности и мужества. Его трагическая гибель 5 мая 1992 года, в день выхода номера, стала первым страшным символом гражданской войны и тяжелым предупреждением всем журналистам страны.

Несмотря на испытания времени, я продолжал идти своим путем. Сегодня я автор девяти книг. Три из них вышли в Москве на русском языке: "Похищенный алфавит", "Взгляд: лица и события от Памира до Кремля", "Разрушение баланса и падение Рахмона Набиева". Остальные книги опубликованы на таджикском языке. Последняя работа - "Вакте ки ?а?и?ат тир х?рд" ("Когда в правду попала пуля"), посвященная 80-летию Муродуллоха Шерализоды, которое мы отметили в Пенджикенте. Это путь журналиста, для которого слово всегда было не профессией, а формой ответственности перед временем, людьми и историей.

- Каким ветром Вас занесло в Самарканд? Каковы Ваши впечатления о городе?

- Самарканд я никогда не считал чужим городом. Я родился в Пенджикенте - всего в пятидесяти километрах отсюда. В советское время это расстояние практически не ощущалось: автобусы между Самаркандом и Пенджикентом ходили каждые пятнадцать минут, а между Пенджикентом и Душанбе выполнялось до пятнадцати авиарейсов в день. Можно было утром улететь в Душанбе, провести день в Варзобском ущелье и вечером вернуться домой. Это было единое культурное и человеческое пространство, без границ и барьеров. Поэтому мой приезд в Самарканд - не визит гостя, а возвращение в близкую и хорошо знакомую среду. Есть и личная причина моего пребывания здесь. Я работаю над книгой о выдающемся композиторе Толибхоне Шахиди - личности мирового масштаба, гордости не только таджикского народа, но и всей Центральной Азии. Мне довелось побывать в доме, где родился его отец, великий композитор и общественный деятель Зиедулло Шахиди. В марте Толибхону Шахиди исполнится 80 лет, и для меня важно завершить эту книгу к юбилею. Самарканд в этом смысле -точка пересечения судеб, культур и творческих импульсов.

- Что для Вас журналистика? Как Вы относитесь к членству в творческих союзах?

- Еще в годы учебы я понял: мне важно не просто фиксировать события, а осмысливать их, задавать неудобные вопросы, оставлять свидетельства времени. Журналистика стала для меня способом разговора с эпохой. Относительно членства в Союзе писателей. После выхода моих книг на русском языке в Москве мне неоднократно предлагали подготовить документы для вступления в Союз писателей России. Однако каждый раз этому мешала нехватка времени. Впрочем, я никогда не придавал решающего значения членским билетам. Опыт показывает: статус сам по себе ничего не гарантирует. Я не состою и в Союзе писателей Таджикистана - меня туда не приглашали, да и сам я не настаивал. Не из принципа, а потому, что для меня важнее другое: выполнил ли человек свою миссию. А миссия журналиста - быть свидетелем времени. Говорить тогда, когда большинство молчит. Называть вещи своими именами, даже если это небезопасно. Сохранять память о людях и событиях, которые власть или сама история предпочли бы забыть.

- Какие темы для вас особенно важны?

- Настоящий журналист - это человек с внутренним стержнем. Его нельзя сформировать дипломами или должностями. Он может ошибаться, сомневаться, менять точку зрения, но не имеет права сознательно лгать или обслуживать ложь. Журналист обязан быть там, где трудно, опасно и неудобно. Его тексты адресованы не только современникам, но и будущему - тем, кто будет разбираться, как мы жили и за что платили слишком высокую цену. Меня всегда интересовала политика, причем не как кабинетная игра, а как пространство, где решается судьба человека. Но прежде всего меня интересует человек во власти: его страхи, иллюзии, ответственность и одиночество. Отсюда и моя любовь к жанру интервью. За годы работы я беседовал с пятью президентами и более чем десятью министрами иностранных дел. Для меня это были не новости, а документы эпохи. Особое место занимает интервью с президентом Израиля Шимоном Пересом - политиком и философом, человеком, мыслящим категориями десятилетий.

- А редакторская ноша тяжелая?

- Прежде чем стать редактором еженедельника, я прошел многолетнюю школу журналистики и побывал, как говорится, "в шкуре" почти каждого - поэтому в редакции мы понимаем друг друга с полуслова. Самое сложное - находить темы, которые затрагивают широкий круг читателей. День редактора уплотнен до предела: это и творчество, и организация, и ответственность за людей. Редактор одновременно должен быть писателем, политиком и психологом - и прежде всего остается пишущим журналистом.

- Какой совет Вы дали бы начинающим журналистам?

- Учитесь уважать слово и не торопитесь. В наше время скорость часто подменяет смысл. Важно не быть первым любой ценой, а быть точным и честным. Умейте слушать. Самая важная информация часто звучит не в громких фразах, а в паузах. Не бойтесь сложных тем. Если тема пугает - значит, она важна. Но задавать неудобные вопросы нужно с пониманием ответственности за каждое слово. И не подменяйте миссию карьерой. Должности и гонорары приходят и уходят, а репутация остается.

Зохир ХАСАНЗОДА.

- Кадом шамол шуморо ба Самарқанд овард ва таассуроти шумо аз шаҳр чӣ гуна аст?

- Ҳеҷ гоҳ Самарқандро барои худ шаҳри бегона намешуморам. Ман дар Панҷакент таваллуд шудаам, шаҳре, ки то Самарқанд ҳамагӣ панҷоҳ километр фосила дорад. Дар замони Шуравӣ ин масофа қариб эҳсос намешуд, байни Самарқанду Панҷакент ҳар понздаҳ дақиқа автобус ҳаракат мекард ва байни Самарқанду Душанбе ҳар рӯз то понздаҳ парвози ҳавопаймо анҷом меёфт. Самарқандиҳо субҳ ба Душанбе парвоз карда, рӯзро дар дараи Варзоб мегузаронданд ва шомгоҳ ба хонаи худ бармегаштанд. Ин як фазои ягонаи фарҳангӣ ва инсонии бидуни марзу монеа буд. Аз ин рӯ, омадани ман ба Самарқанд меҳмонӣ нест, балки бозгашт ба муҳити ошно ва наздик аст, ки дар он таърих, забон, суннат ва хотира ба таври табиӣ ба ҳам даромехтаанд. Албатта ҳузури имрӯзаам дар Самарқанд сабаби дигар ҳам дорад. Ман рӯи китобе дар бораи композитори бузург Толибхон Шаҳидӣ кор мекунам. Толибхон шахсиятест, ки ҷаҳон ӯро шинохтааст ва на танҳо ифтихори халқи тоҷик, балки тамоми сокинони Осиёи Марказӣ мебошад. Ба ман муяссар шуд, ки аз хонаи падарии ӯ - композитори бузург, арбоби ҷамъиятӣ ва раиси Иттифоқи композиторони Тоҷикистон Зиёдуллоҳ Шаҳидӣ дидан кунам. Моҳи марти соли равон Толибхон Шаҳидӣ ба синни 80 мерасад ва бароям бисёр муҳим аст, ки китобро то ҷашн ба анҷом расонам. Дар ин сафар эҳсос кардам, ки Самарқанд танҳо шаҳр нест, нуқтаи баҳамоии тақдирҳо, фарҳанг ва ангезаҳои эҷодӣ аст.

- Журналистика барои шумо чист? Узви кадом иттиҳодияҳои эҷодӣ ҳастед?

- Ҳанӯз дар давраи таҳсил фаҳмидам, ки бароям на танҳо сабти рӯйдодҳо, балки дарк ва таҳлили рӯйдодҳо ва бо қалам дар саҳифаи замон сабт кардани онҳо муҳим аст. Журналистика бароям василаи муколама бо замон шуд.

Дар бораи узвият дар иттифоқҳои эҷодӣ. Пас аз нашри китобҳоям бо забони русӣ дар Москва, борҳо пешниҳод шуд, ки ҳуҷҷатҳоямро барои шомил шудан ба Иттифоқи нависандагони Русия омода намоям. Аммо ҳар дафъа камбуди вақт монеъ мешуд. Гузашта аз ин, росташро гӯям, ман ҳеҷ гоҳ ба билетҳои узвият аҳамияти ҷиддӣ надодаам. Ман инчунин узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ҳам нестам. Маро ба он ҷо даъват накардаанд ва худам ҳам ҳуҷҷат насупоридаам. Шояд ба он далел аст, ки ҳеҷ гоҳ инро кори аввалиндараҷа намешуморидам. Бароям муҳим он аст, ки оё инсон рисолати қаламкашии худро ичро кардааст ё не.

Ба назарам, рисолати журналист ва нависанда на дар узвият, шумораи унвону ҷоизаҳо, балки дар қобилияти дарки рӯҳи замон аст. Ӯ бояд он вақт сухан гӯяд, ки аксарият хомӯшанд; ҳақиқатро гӯяд, ҳатто гуфтанаш хатарнок бошад; хотироти одамон ва рӯйдодҳоро сабт кунад...

- Кадом мавзуҳо бештар диққати шуморо ҷалб мекунанд?

- Журналисти ҳақиқӣ пеш аз ҳама шахсест, ки дар пояи мустаҳками ахлоқӣ қарор дорад. Ӯро аз рӯи диплом, мансаб ва шаҳодатномаи нашрия намешиносанд. Журналист метавонад хато кунад, шак орад, нуқтаи назарашро тағйир диҳад, аммо ҳақ надорад огоҳона дурӯғ гӯяд ва ба дурӯғ хидмат кунад. Журналист шоҳиди замон аст.

(Давомаш дар саҳ. 10)

Шариф Ҳамдампур:

ЖУРНАЛИСТ ШОҲИДИ ЗАМОН АСТ, НА ХИЗМАТГОРИ ФУРСАТ

(Аввалаш дар саҳ. 9)

Ӯ вазифадор аст дар чое бошад, ки чандон барояш гуворо нест, душвор ва хатарнок аст. Вазифаи ӯ обуранг додани воқеият ё мутобиқ сохтани он ба интизориҳо нест, балки сабти ҳақиқат аст.

Имрӯз ӯ барои ҳамасрон менависад, аммо дар асл матнҳои ӯ ба оянда равона шудаанд, ба онҳое, ки хоҳанд донист, ки мо чӣ гуна зиндагӣ мекардем, дар кадом ҳолат хомӯшӣ мепазируфтем ва бо чӣ қимате комёб ё ном шудем.

Камина бештар дар мавзуҳое менависам, ки бароям ҷолибанд. Он пеш аз ҳам сиёсат аст. На ба маънои маҳдуди доираи утоқҳои корӣ, балки ҳамчун фазое, ки дар он сарнавишти инсон ҳал мешавад. Дар баробари ин барои ман худи қудрат муҳим нест, балки инсоне муҳим аст, ки дар сари қудрат аст: ангеза, талош, ҷонфидоӣ, тарс, хаёл, масъулият ва танҳоии ӯ. Шояд аз ҳамин ҷо жанри мусоҳиба ба дилам наздик аст. Дар тӯли солҳо ман бо панҷ президенти кишварҳои гуногун ва беш аз дах вазирони корҳои хориҷӣ мусоҳиба анҷом додаам. Ҳамаи ин суҳбатҳо ба китобҳоям ворид шудаанд, зеро ман онҳоро на хабари рӯз, балки ҳуҷҷати давр мешуморам. Ҷойгоҳи махсусро дар миёни ин мулоқотҳо суҳбат бо Президенти Исроил Шимон Перес ишғол мекунад. Ӯ барои ман, пеш аз ҳама, бо он ҷолиб буд, ки сиёсатмадори файласуф буд. Ӯ бо дарки мафҳумҳои даҳсолаҳо ва ҳатто садсола андеша меронд.

- Дар ин миён бори сармуҳаррирӣ бароятон вазнин нест?

- Қабл аз он ки ман сармуҳаррир шавам, роҳи тӯлонии журналистикаро тай кардам ва ба қавле, дар «пӯсти» аз мусаҳҳеҳ сар карда, то муҳаррир будам. Шояд аз ин ҷост, ки миёни кормандон мо ҳамдигарро бе сухан мефаҳмем. Душвортарин кор пайдо кардани мавзуҳоест, ки доираи васеи хонандагонро фаро гиранд. Рӯзи кори муҳаррир хеле танг аст: ҳам эҷод, ҳам ташкил, ҳам бори масъулияти ҳамкорон. Муҳаррир ҳамзамон бояд нависанда, сиёсатмадор ва равоншинос бошад ва пеш аз ҳама, ӯ бояд журналист бимонад.


- Ба журналистони навроҳ чӣ тавсия медиҳед?

- Суханро эҳтиром намоед ва шитоб накунед. Дар замони мо суръат бисёр вақт маъниро иваз мекунад. Муҳим нест, ки ба ҳар қимат аввалин бошед, муҳим дақиқ ва ростқавл будан аст.

Гӯш карданро ёд гиред. Иттилои аз ҳама зарур на ҳамеша бо садои баланд, балки дар сукут зоҳир мешавад.

Аз мавзуҳои душвор наҳаросед. Агар мавзуъ метарсонад, пас он муҳим аст. Вале саволҳои ноҳинҷоркунандаро бояд бо дарки масъулият диҳед. Ва ниҳоят, рисолатро бо мансаб иваз накунед. Мансаб, шуҳрат ва ҳақи қалам меоянд ва мераванд, аммо обрӯ мемонад.

Мусоҳиб:
Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
рӯзномаи “Самаркандский вестник”,
№102 (19723), 24-уми
декабри соли 2025



ПАЙРАВИ ИМОМИ АЪЗАМ

Меҳрнома бахшида ба 60-солагии профессор Шарифмуроди Исрофилниё

“Қадри зар заргар шиносад, қадри гавҳар гавҳарӣ”. Ин зарбулмасалест, ки дар зимни хеш маъно ва мафҳуми амиқеро дар бар гирифтааст. Моро аз он хабар медиҳад, ки қадри ҳар чизи арзишмандро инсони оқилу хибра метавонад дарк кунад, зеро ҳар шахсе, ки илму дирояти кофӣ надошта бошад, наметавонад дар бораи шахсияте баҳогузорӣ карда, фикру андешаи хешро иброз намояд ва ё ҳар чизи арзишмандро наметавонад қадрашро бишиносад.



Барои исботи ин гуфтаҳо достонеро мехоҳам ёдовар шавам.

«Марди ҷавоне ба дидани Зununи Мисрӣ (яке аз уламои қарни сеи ҳичрӣ) рафт ва аз Сафёни саврӣ (яке аз донишмандон ва имононии ҳамон давр) бадгӯӣ кард. Зununи Мисрӣ ба хотири он, ки он ҷавон аз иштибоҳи хеш пай бибарад, ангуштариеро аз ангушташ берун оварда, ба он марди ҷавон дод ва гуфт:

- Ба бозори дастафурӯшон бирав ва бубин ин ангуштариро ба чӣ қимате мехаранд.

Он марди ҷавон ба бозори дастафурӯшон рафта, он ангуштариро ба ҳамаи бозориён нишон дод, вале ҳеҷ кас қодир нашуд бештар аз як сиккаи нуқра ба ӯ бипардозад. Он ҷавон бо нороҳатӣ ба назди Зунун баргашта, моҷароро ба ӯ баён кард. Зунун барои он марди ҷавон гуфт: - Акнун ин ангуштариро ба бозори гавҳарфурӯшон бибар ва қимати онро суол кун. Он марди ҷавон ба бозори гавҳарфурӯшон рафт ва он ангуштариро ба гавҳарфурӯшон нишон дод, онро ба ҳазор сикка харидорӣ карданд. Он марди ҷавон шигифтзада ба назди Зунун баргашт. Зунун барои ӯ гуфт:

- Илму фаҳмиши ту ба роҳу равиши Сафёни Саврӣ ба монанди илми дастафурӯшон ба ин ангуштарӣ аст. «Қадри зар заргар шиносад, қадри гавҳар гавҳарӣ».

Мутаассифона имрӯз баъзе нафароне вучуд доранд, ки аз қадри илму уламо, устодону муаллимони хеш бехабар монда, суханони носанҷидае дар ҳақашон мегӯянд. Ҳақ ба ҷониби Хоҷа Ҳофиз аст, ки хуб гуфтааст:

Оҳ-оҳ аз дасти саррофони гавҳарношинос,
Ҳар замон хармӯҳраро бо дур баробар мекунанд.

Олимон ва муаллимоне, ки дар ҳақиқат барои халқу миллат ва фарҳанги хеш заҳмат мекашанд, шоистаи таҳсин ва эҳтироманд, бояд қадрдонӣ карда шаванд ва дар ҷомеаи имрӯза аз илму маҳорат ва малакаи онҳо хуб истифода карда шавад, зеро миллат имрӯз ба илму дирият ва усули таълими инҳо бисёр ниёз дорад.

Дар ин маврид сухани аввалро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хуб иброз дошта, эҳтироми олимону омӯзгоронро дар мадди аввал гузоштаанд.

Дар идомаи ин гуфтаҳо мехоҳам аз марди наҷибе, ки бештари ҳаёти хешро дар роҳи илму маърифат ва таълиму тарбияи фарзандони ин миллат сипарӣ намуда, имрӯзҳо ба синни муборакӣ шаст қадам мегузорад, чанд сухани шогирдона бигӯям.

Устоди азиз Шарифмуроди Исрофилниё, аввал расидан ба ин синни муборакро бароятон табрик мегӯям ва дуо мекунам, ки илоҳо садсола шуда, баъд аз он давлати пирӣ бironед! Маълум аст, ки олимон ҳарчанд ба синни бузургӣ бирасанд, ҳамон қадар маҳбубтар ва барои миллаташон гаронбаҳотар мегарданд. Дар ин давру замоне, ки фарзандони ин миллат ва кишвари азизи мо Тоҷикистон ба шумо баринҳо бештар ниёз доранд, синни шастсолагӣ синни пирӣ нест, балки айни камолоти илму маърифат ва тарбияти шогирдони болаёқат аст.

Устоди азиз! Ман пеш аз оне ки бо шумо ошно шудам, се сол барои гирифтани мавзуи рисолаи номзадӣ саргардон мегаштам, аз донишгоҳҳо ва институтҳо устодон барои ман мавзуъ пешниҳод мекарданд, вақте ки ман маводҳоро ҷамъоварӣ мекардам, баъзеи онҳо мегуфтанд ин мавзуъ коркарда шудааст, мавзуи дигар мекобем ва баъзеи дигар баҳонаҳое пеш меоварданд, ки хандаовар буд, ба ҳамин тартиб се сол ман саргардон мегаштам. Дар хотирам ҳаст он рӯзе, ки бо машварати баъзе дӯстон ва шогирдон ба назди шумо рафтам ва бо шумо аз наздик ошно шудаму ин саргардониву сарсониҳои ман ба итмом расид. Он вақт шумо раҳбарии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистонро ба уҳда доштед. Вақте ман бо шумо суҳбат кардам, аз қазияи ман огоҳ шудед, бо самимият гуфтед: “Мавзуъ ҳам меёбем ва роҳбарӣ ҳам мекунем!”. Дар он чанд лаҳза суҳбате, ки ман бо шумо доштам, маро дарк намуда, мавзуеро аз хотироти ман берун кашида, болои коғазе навишта, ба ман пешниҳод кардаву гуфтед: “Сари ҳамин мавзуъ мо бо шумо кор мекунем...”.

Устоди азиз! Ман аҳсан мегӯям бар он илму заковати шумо, он мақсадеро, ки баъзе нафарон дар муддати се сол натавонистанд аз ман бифаҳманд ва ё шояд нахостанд, шумо дар як суҳбати самимӣ онро дарк намудед ва мавзуеро ба ман пешниҳод намудед, ки мақсаду мароми ман буд. Ман бисёр мехостам сари ҳамин мавзуъ кор кунам, хизмати нафареро барои ҷомеаи имрӯза муаррифӣ намоям, ки яке аз фарзандони фарзонаи ин миллат аст ва масҳабу роҳу равиши он фарзона барои ин миллат дар тӯли таърих хизматҳои шоёне кардаасту беш аз ҳарвақта дида имрӯз миллати шарифи ман ба масҳабу роҳу равиши он дар зиндагии имрӯзаашон ниёзманданд.

Он мавзуъ «Таълими рӯзгору осор ва ақидаҳои педагогии Имоми Аъзам дар муассисаҳои таълимӣ» буд. Худованд медонад, ки ман чӣ қадар он рӯз шод будам, ҳаргиз суҳбати он рӯзро фаромуш намекунам. Пас аз чанд рӯз шурои тасдиқи мавзуҳои довталабон баргузор гардид, ки яке аз онҳо ман будам, ҳангоми баррасии мавзуи интихобшуда баъзе аз устодон ихтилофи назар доштанд. Шумо бо ҳамон ҳайбату салобати олимонаи хеш гуфтед:

- Ин муаллими Донишгоҳи исломӣ аст, барои донишҷӯёни ин даргоҳ ин мавзуъ ба кор хоҳад омад.

Ва ҳамин тавр, ин мавзуъ тасдиқ гардид.

Ин мавзуъ бо иршоду роҳнамоии шумо ба шурои диссертатсионии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ пешниҳод гардида, баъди баррасии устодон ба Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳ ёфт ва ман соҳиби унвони номзади илмҳои педагогӣ гардидам. Баъдан, ин рисола бо роҳнамоии шумо ба як китобе мубаддал гашт, ки солҳои дароз фарзандони ин миллат аз он истифода мебаранд. Ман аз шумо хело миннатдорам.

Устоди азиз! Ман ҳамеша дуогӯйи шумо ҳастам, чунки Имом Абуҳанифа (р) фармудааст: «Ман ҳар вақте ки дар ҳақи падарам дуо кунам, ҳатман устодамро низ ёдовар мешавам». Кош ҷавонони имрӯзи ватан аз ин гуфтаи Имоми масҳабашон ва фарзанди фарзонаи миллаташон хабардор мебуданд, эҳтироми падар ва устоди хешро ба ҷо меоварданд, аз ин ахлоқу одобашон ҷомеаи имрӯзи мо шукуфон мегашт ва худашон низ соҳиби илму маърифат ва эҳтирому эътибор дар зиндагии ояндаашон мегардиданд.

Устоди азиз, Шарифмуроди Исрофилниё. Шуморо барои расидан ба синни муборакӣ 60 табрику таҳният мегӯям ва аз даргои Илоҳӣ хоҳонам, ки дар оянда низ шуморо солиму бардам нигоҳ дорад ва ҳамеша ҳамчун гуле дар баҳорон шукуфон бошеду табъатон болида бошад, зеро табъи болида барои як олим - ин армуғоне барои миллат аст.

Мирзоҳомид САИДАҲМАДОВ,
хатиби масҷиди маҳаллаи «Панҷрӯд», номзади илмҳои педагогӣ

МАВЛУДНОМА

7 ЯНВАР

Сафар Аюбзодаи Маҳзун (1956-2020), 70-солагии зодрӯзи шоир.

Лола Додихудоева (1951), 75-солагии зодрӯзи муаррих.

Шарифмуроди Исрофилниё (1966), 60-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ.

8 ЯНВАР

Давлат Даврон (1941-2021), 85-солагии зодрӯзи журналист.

Додоҷон Деҳқонов (1941-1992), 85-солагии зодрӯзи муаррих.

Раҳматулло Расулов (1901-1976), 125-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

Абдулғании Ҷавдат (1886-1981), 140-солагии зодрӯзи шоир.

9 ЯНВАР

Набиҷон Усмонов (1951), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

Мақсудҷон Ҳайдаров (1956), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи геология.

Ғанӣ Ҷӯразода (1936), 90-солагии зодрӯзи адиб, Қорманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

10 ЯНВАР

Тошпӯлод Абдурулов (1941-1998), 85-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

Амирхон Аҳмадхонов (1951-2020), 70-солагии зодрӯзи журналист.

Наҷмиддин Ғафуров (1966), 60-солагии зодрӯзи журналист.

Масъуд Қаҳҳоров (1966), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

Баҳриддин Хайруллоев (1956), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

Тимур Хоҷаев (1941), 85-солагии зодрӯзи журналист.

Сабзалӣ Шералиев (1951), 75-солагии зодрӯзи журналист.

11 ЯНВАР

Нозирҷон Бӯриев (1966), 60-солагии зодрӯзи журналист.

Нарзулло Исматуллоев (1946), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

Ҳақдоди Сафар (1966-2015), 70-солагии зодрӯзи шоир.

12 ЯНВАР

Соима Ховарӣ (1931), 95-солагии зодрӯзи мутарҷим.

Шодмон Ҷӯра (1951), 75-солагии зодрӯзи шоири ӯзбекзабони Тоҷикистон.

13 ЯНВАР

Азимҷон Аминҷонов (1951), 75-солагии зодрӯзи доктори илми химия, профессор, узви вобастаи АИ Тоҷикистон.

Довуд Амирбахшов (1956-2012), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

Давид Винокуров (1926-1999), 100-солагии зодрӯзи рассом.

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!
Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

...

МЕФУРӮШАМ

2-ҲУҶРАГӢ

НОҲИЯИ ИСМОИЛИ СОМОНӢ

Хонаи 2-ҳуҷрагӣ, 13-ум ошёна, бо таъмир, Донишгоҳи тиббӣ, Медгородок, 75 000 у.е. Тел.: 93-555-12-20

3-ҲУҶРАГӢ

НОҲИЯИ СИНО

Хонаи 3-ҳуҷрагӣ, 65 кв.м., 12-ум ошёна, хонаи 15-ошёна, коробка, 30 000 у.е., бозори "Балх", назди БДА. Тел.: 900-55-12-20

Хонаи 3-ҳуҷрагӣ, 87 кв.м., 2-юм ошёна, хонаи 10-ошёна, бинои навсохт, 4 тиреза, ҳамааш алоҳида, к. Навбаҳор, 670 000 сомонӣ, боз савдо мешавад. Тел.: 918-20-67-55, 93-151-77-00

4-ҲУҶРАГӢ.

Фаврӣ! Хонаи 4-ҳуҷрагӣ, 3-юм ошёна, хонаи 5-ошёна, таъмири миёна, Зарафшон-2, М-3, хонаи 4, 90 000 у.е., боз савдо мешавад. Тел.: 93-033-07-85

ХОНА

НОҲИЯИ ШОҲМАНСУР

Хонаи 4-ҳуҷрагӣ, 2,5 сот. замин, назди фурудгоҳ. Тел.: 208-90-90-10

Хонаи 6-ҳуҷрагӣ, 6 сот. замин, таъмири миёна, канализатсия, фурудгоҳ. Тел.: 93-867-24-23

ГУНОГУН

Қолинҳо, палаҳо, қолинчаи роҳрав, чангкашак, одеялҳо, рӯйпӯш, зарф, гармкунак, самовар, мизи хатнависӣ, китобҳо, сокҷаббак. Тел.: 235-06-42, 907-73-46-46, 901-26-68-60, 900-00-92-55

Аробачаи маъюбии барқии нав (ҷамъшаванда), 4000 сомонӣ. Тел.: 907-70-93-39

Стенкаи 5-қисмаи "Беларусь", қаҳваранг, мизи миллӣ, мизи хатнависӣ, яхдон, аробачаи кӯдакона, матоъи нави Тюл 5 м, матрасҳо. Тел.: 98-733-56-08

Кур-несушек. Тел.: 904-50-52-55

Нимкурсӣ бо дастакҳо (бо фармоиш сохта шудааст), 200х60х40, 900 сомонӣ, боз савдо мешавад. Тел.: 907-308-185

Гарнитури хонаи хоб ва ошхона, кроватҳо, диван, яхдон, мизи шишагин, подставка барои телевизор. Тел.: 93-593-02-20

МЕХАРАМ

1-ҲУҶРАГӢ

НОҲИЯИ СИНО

Хонаи 1-ҳуҷрагӣ, дар ноҳияи Сино, то 280 000 сомонӣ. Тел.: 93-812-33-37

ХОНА

НОҲИЯИ СИНО

Қитъаи замин аз 2 то 3 сот., Чортут ва аз он дуртар, то 280 000 сомонӣ. Тел.: 93-812-33-37

ГУНОГУН

Оҳанпора ва коғаз мехарам. Тел.: 944-33-35-55

Курпа ва курпача, сандуққо, зарфҳо, асбобҳо мехарам. Тел.: 944-33-35-55

Ашёҳои истифодашуда, зарфҳо, гарнитурҳои хонаи хоб мехарам. Тел.: 908-06-60-00, 986-17-62-62

Қолинҳо, курпа, курпачаҳо, зарфҳо, мебел мехарам. Тел.: 918-37-47-50, 988-01-04-88, 987-46-09-85, 907-09-19-78, 55-237-87-87, 944-33-96-33

Мошинҳои дарздӯзӣ ва ҷомашӯй, кондитсионерҳо, телевизорҳо, макулатура, металлолом, дарҳо, батареяҳо, аккумуляторҳо, зарфҳо, қолинҳо, банкаҳо, пойафзол, либоси кӯҳна, ҳезум, нони қоқ, курпачаҳо, флягҳо, нишонҳо, тангаҳо. Тел.: 918-38-41-16, 919-40-95-96, 202-46-74-74

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобҳо, металлолом, макулатура, тангаҳо, нишонҳо, ҳайкалчаҳо, мошинҳои ҷомашӯй, мошинҳои дарздӯзӣ, қолинҳо, кондитсионерҳо, курпачаҳо ва вата мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобҳо, металлолом, макулатура, тангаҳо, нишонҳо, ҳайкалчаҳо, мошинҳои ҷомашӯй, мошинҳои дарздӯзӣ, қолинҳо, кондитсионерҳо, курпачаҳо ва вата мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001, 300-03-19-33

Флягҳо, курпачаҳо, қолинҳо, медалҳо, нишонҳо, асбобҳо, зарфҳо, дегҳо, тангаҳо, соатҳои советии кориву ғайрикорӣ, ҳайкалчаҳо, металлолом, техникаи маишӣ мехарам. Тел.: 904-09-59-17, 108-99-99-34, 401-99-89-89

Компютерҳои ғайрикорӣ, оперативная ва материнскаю плата мехарам. Тел.: 944-33-35-55

Кондитсионерҳои ғайрикорӣ мехарам. Тел.: 944-33-35-55

Қолинҳои нав ва истифодашуда, курпачаҳо, занавескаҳо, зарфҳо, яхдонҳо, мошинҳои ҷомашӯй, либоси занонаву мардона, мебел ва дигар чизҳоро мехарам. Тел.: 985-59-72-70, 900-10-60-16, апаи Шаҳодат Иҷора медиҳам

Хонаи 2-ҳуҷрагӣ, шабонарӯзӣ ҳам мумкин аст, назди "Ашан". Тел.: 93-593-02-20

КОР ВА ХИЗМАТРАСОНӢ

Администратор-қабулкунанда, зани русзабони масъулиятшиносро ба кор даъват мекунем, 35-50-сола, маоши муносиб. Тел.: 904-54-10-01

Муҳосиб бо таҷрибаи корӣ. Тел.: 915-30-78-28

Кафшергар кор меҷӯяд. Тел.: 900-98-50-08

Дар хонаи худ нигоҳубини кӯдаконро пешниҳод мекунам. Нисбати кӯдакон бо ҳарорат, таваҷҷуҳ ва эҳтиром ғамхорӣ менамоям. Тел.: 903-44-86-26

Кафел мечинам. Тел.: 93-998-50-58

ҶСП Бонки "ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ" дар асоси м. 37 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" соҳибони суратҳисобҳои бонкии зеринро оид ба бастани суратҳисоб ҳангоми дар давоми як моҳ баъди эълони огоҳиномаи мазкур аз худ дарак надоданатон огоҳ менамояд:

1. КООПЕРАТИВИ ИСТЕХСОЛИИ "БОБОИ ШАМСИДДИН"
2. КООПЕРАТИВИ ИСТЕХСОЛИИ "АСОМУДДИН"
3. ЧАМЪИЯТИ ДОРОИ МАСЪУЛИЯТИ МАҲДУДИ "ХУРСАНД 2006"
4. ЧАМЪИЯТИ ДОРОИ МАСЪУЛИЯТИ МАҲДУДИ "ВИП СИСТЕМЫ ДУШАНБЕ"
5. ЧАМЪИЯТИ ДОРОИ МАСЪУЛИЯТИ МАҲДУДИ "АРТ-ГАН"
6. ТАШКИЛОТИ ЧАМЪИЯТИИ КЛУБИ ФУТБОЛИ "ДАЛЕРОН-УРОТЕППА"-И ШАҲРИ ИСТАРАВШАН
7. ХАКИМОВ СУЛТОН СОДИРОВИЧ
8. КОСИМОВ ХУСНИДДИН БАХРИДДИНОВИЧ
9. КООПЕРАТИВИ ТИЧОРАТИИ "ХОЛМУРОД Ш"
10. ЧАМЪИЯТИ ДОРОИ МАСЪУЛИЯТИ МАҲДУДИ "САЛМОНИ ИБРОН"
11. НОРОВ НАЗАРАЛИ САИДМУРОДОВИЧ
12. КООПЕРАТИВИ ИСТЕХСОЛИИ "ЧОР ДЕВОР"
13. КООПЕРАТИВИ ИСТЕХСОЛИИ "СОМОН- ДУСТ"
14. ЧДММ ЧАМЪИЯТИ ДОРОИ МАСЪУЛИЯТИ МАҲДУДИ МУХАНДИС-1
15. КООПЕРАТИВИ ТИЧОРАТИИ "АМУРИ САФЕД"
16. ЧАМЪИЯТИ ДОРОИ МАСЪУЛИЯТИ МАҲДУДИ "СУБХОНА"
17. ЧАМЪИЯТИ ДОРОИ МАСЪУЛИЯТИ МАҲДУДИ "ВАЗАКОР"
18. САИДОВ ШУХРАТ ОДИЛОВИЧ
19. ЧАМЪИЯТИ ДОРОИ МАСЪУЛИЯТИ МАҲДУДИ "ДИЛШОД-79"

Тозакории босифат, поккорӣ баъди таъмир, поккории куллӣ. Тел.: 901-51-01-50, 111-40-04-86

Насби дарҳои миёни ҳуҷраҳо. Тел.: 787-77-61-77, Абдуғуфрон

Устои евроремонти пурра, корҳои тармимӣ, сохтмончӣ. Тел.: 873-44-44-29, 98-935-80-80

Таъмири пурраи ҳуҷраҳо, корҳои кафшергарӣ. Тел.: 937-44-33-92, 988-77-75-74

Таъмири пурраи ҳуҷраҳо. Таъмири косметикии ҳуҷраҳо: шпаклевка, рангубор, обой, насби ноқилҳо, ламинат, дилхоҳ корҳои хурд дар хона, сантехникӣ. Арзон! Зуд! Босифат! Тел.: 911-40-46-10, 977-41-73-73

Дуредгар. Тел.: 88-00-372-72, Владимир

Хизматрасонии кафелчин. Тел.: 87-639-04-04

Кафелчин, сантехник, электрик. Насби дарҳо. Тел.: 933-16-34-31

Кафелчини касбӣ, сантехник. Тел.: 915-58-71-31

Хизматрасонии кафелчин, босифат. Тел.: 93-573-23-97

Хизматрасонии сантехник. Тел.: 07-502-90-90

Хизматрасонии сантехник. Тел.: 00-933-07-50

Хизматрасонии электромонтаж дар ҳуҷраҳо. Тел.: 004-99-74-29

Электрики касбӣ, электромонтаж дар хонаҳо ва коттеҷҳо, ҳама намуди корҳои электрикӣ. Шпаклевка. Тел.: 901-09-31-96, Муҳаммад

Мебел бо фармоиш. Тел.: 00-933-47-47

Ҷудокунӣ ва васлсозии мебел. Тел.: 87-380-65-65

Таъмир ва тармими дилхоҳ мебел. Мебел бо фармоиш. Тел.: 900-01-12-54

Ҷудокунӣ-васлсозӣ ва таъмири мебел. Тел.: 00-166-83-57

Мебел бо фармоиш. Тел.: 907-50-39-50

Таъмири яхдонҳо, кондитсионерҳо, мошинҳои ҷомашӯй. Босифат, бо кафолат. Тел.: 93-447-05-71, 917-55-05-71

Хизматрасонии газӣ. Тел.: 988-61-10-57

Шиносномаи хоричӣ ва телефони мобилии тамғаи Айфон 15 про макс 256 мб, рангаш нуқра, ба номи Ҳамзаалиев Акмал Ҳамзаалиевич, ки дар ҳудуди ш. Душанбе гум шудаанд, бо ҳавасмандсозӣ баргардонида шаванд. Тел.: 177-77-17-77

ЭЪТИБОР НАДОРАД

Дафтари ҳавлӣ ва шиносномаи техникӣ, кадастри 66-010-001320-01-249, ба номи Кабиров Сиёвуш Озодбахтович, ш. Душанбе, ноҳ. И. Сомонӣ, кӯч. Рӯдакӣ, хонаи 66, кв. 249, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шартномаи х/ф кв. таҳти феҳристи №7-964 аз 29.04.2025, ба номи Кабиров Сиёвуш Озодбахтович, ш. Душанбе, ноҳ. И. Сомонӣ, кӯч. Рӯдакӣ, хонаи 66, кв. 249, нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳ. И. Сомонӣ, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Маълумотномаи маъюбии №0234955, аз 22.12.2025, ба номи Турсунова Моҳира Рузибаевна, ХДЭТИ, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи А05246480, ба номи Солиева Махфират Разоқовна, санаи 18.01.2024, ШВКД ш. Турсунзода, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дипломи ДМБ №0240696, қайд №837, ба номи Миназарова Адолат Махкамбоевна, соли 2022, ДДОТ ба номи С. Айнӣ, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

🡺 Шиносномаи техникӣ ба номи Зайдуллоева Азизмо Сайдалиевна, ш. Душанбе, ноҳ. Шоҳмансур, кӯч. Айнӣ 265/3, кв. 43, соли 2011, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

🡺 Шаҳодатномаи МКВ №040958, қайд 0650, ба номи Каримова Давлатбӣ, соли 2023, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶТ, Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

🡺 Шартномаи байни Қурбонов Шуҳрат Омонбоевич ва ҶДММ "Сохтмони Қалъа", ш. Душанбе, ноҳ. Сино, кӯч. А. Навоӣ 23/1, кв. 89, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

🡺 Шиносномаи А06018715, ба ном Маҷидова Сумая Сулаймоновна, санаи 03.09.2025, ШВКД И. Сомонӣ, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

🡺 Шиносномаи хориҷии 4057804901, ба номи Ҳамзаалиев Акмал Ҳамзаалиевич, 27.12.2024, ХШБ ВКД Тоҷикистон, аз сабаби гум шуданаш беэътибор долниста шавад.

🡺 Дафтарчаи имтиҳонотӣ ба номи Махмудова Нодира Неъматовна, ки аз ҷониби МИСИС соли 2025 дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

🡺 Шиносномаи техникӣ, қайд №10890, аз 01.03.2007, ба номи Почоев Мирзо, ш. Душанбе, ноҳ. Шоҳмансур, кӯч. Т. Шарқӣ, маҳаллаи 3, қитъаи 243, аз сабаби сӯхтанаш беэътибор дониста шавад.

🡺 Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатномаи бо шартҳои махсус ба номи Хасанова Хилолахон, РЯМ: 0730159449, РМА: 126458119, ки аз 13.02.2018 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

🡺 Шаҳодатнома ва иқтибоси ҶДММ "Азия Скай Лайнс", РМА: 020001893, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

🡺 Шиносномаи техникӣ ба номи Эмомов Сафарали Азимович, ш. Душанбе, ноҳ. Сино, кӯч. Ҳувайдуллоев 222/2, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

🡺 Дипломи ТТ №018789, ба номи Назаров Абдурозиқ Расулович, соли 1999, Коллеҷи техникии ба номи академик Осимӣ, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

🡺 Шаҳодатномаи махсуси соҳибкори инфиродӣ, РЯМ: 0730137705, РМА: 075023793, ба номи Қаюмова Мавҷудахон, 08.08.2016, шаҳри Турсунзода, бинобар сабаби гум шуданаш беэтибор дониста шавад.

🡺 Шиносномаи А01631461, ба номи Маҳмудова Мадина Ҷамшедовна, санаи 03.12.2018, ШВКД-1 ноҳ. Шоҳмансур, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

🡺 Дафтари ҳавлӣ ба номи Азимджонов Собирджон, ш. Душанбе, ноҳ. Сино, кӯч. А. Ғуломов 3/1, кв. 120, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

🡺 Шиносномаи техникӣ бо суроғаи кӯч. К. Раҳимов 9/1 кв.24 (собиқ кӯчаи Телман, 9/1 кв.24) ба номи Разоқи Малик, инчунин дафтари ҳавлӣ аз эътибор соқит дониста шаванд.

БАРҲАМ МЕХӮРАД

🡺 ҶДММ "Шоҳин Сохтмон", РЯМ: 330015190, РМА: 3310011165, дар н. Ҷ. Балхӣ қарор дорад, барҳам мехӯрад. Ҳама арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

🡺 ҶДММ "Сайр 2019", РЯМ: 0910009495, РМА: 090015609, санаи таъсисёбӣ 03.04.2019, барҳам мехӯрад. Ҳама арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

🡺 ҶДММ "Варзиш Мол", №0281677, РЯМ: 0410035478, РМА: 040057389, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

ОМӮЗИШ

🡺 Забони англисӣ барои кӯдакон. Тел.: 903-02-87-07

🡺 Курсҳои Excel. Тел.: 93-744-60-60

🡺 Репетитори забони русӣ. Тел.: 88-855-78-17

🡺 Курсҳои ронандагӣ. Тел.: 11-030-13-11

🡺 Курсҳои копютерӣ. Тел.: 903-02-87-07

ГАР НАДОРӢ ПОСИ НОНИ ХАЛҚ



7 январ Шоири халқии Тоҷикистон Ҳақназар Ғоиб зодрӯз доранд. Устодро бо ихлосу эҳтироми зиёд муборакбод мегӯем. Худо кунад, ки устод ба бахти адабиёти мо ҳамвора саломату саодатманд бошанд ва бо ҳузури мунирашон маҳфилҳои шеърро гарму равшан нигоҳ доранд. Як ғазали зебои устодро пешкаши мухлисонашон мегардонем.

Гар надорӣ поси нони халқ, нонат мезанад,
Оташак рӯзе ба боғи сабзи ҷонат мезанад.
То бинозӣ бо нигоҳи осмонӣ дар замин,
Санг, эй ахтар, ба чашми осмонат мезанад.
Рӯзи ғам хандӣ агар- бишнидам инро аз падар,
Барқи ғам оташ ба умри шодмонат мезанад.
Бигзарӣ бефарқ агар аз сели чашми мардумон,
Сел рӯзе сар ба пои хонадонат мезанад.
То зи рӯйи ҳирс гирӣ луқмаеро бар даҳон,
Мушти сангини маломат бар даҳонат мезанад.
То ба ваҳшиҳӯ зи ҳад берун ту бошӣ меҳрубон,
Дар дами теғаш забони меҳрубонат мезанад.
Бо ғуруре аз паси айнак бибинӣ одамон,
Аз камине тир бар ҷони ҷавонат мезанад.
Бо фазилатҳо наорӣ агар номи калон,
Дар бало рӯзе туро номи калонат мезанад.
То баҳори дил надорӣ, зиндагии ҳақшинос,
Аз хазон ранге ба рӯи арғувонат мезанад.

Ҳақназар Ғоиб

ФАТҲИ ДИЛҲО

ё рисолати умри як олим

«Барои ба даст овардани эътимоди мардум умре лозим аст, вале барои аз даст додани он як лаҳза кофист».

Ин ҳикмати мардумӣ гӯё сарнавишти бархе аз инсонҳоро бо як чумла тавсиф мекунад. Зеро зиндагӣ саҳнаест, ки дар он ҳар кас бо кирдор, гуфтор ва ахлоқи худ ном мегузорад: ё накӯном мешавад, ё бадном.

Инсон метавонад ба қуллаҳои баланд расад, мисли Абӯалӣ ибни Сино, метавонад уфуқҳои навро фатҳ кунад, чун Юрий Гагарин ва ё баръакс, номи худро дар саҳифаҳои сиёҳи таърих сабт намояд. Аммо бузургтарин пирӯзӣ фатҳи дилҳост. Ин аст меъёри ҳақиқии накӯномӣ.

Зиндагӣ мактабест, ки дар он инсон ё сабақи одамият меомӯзад, ё роҳи дигарро интихоб мекунад. Бузургии инсон на танҳо дар дониш, балки дар фурӯтанӣ, инсондӯстӣ ва масъулиятшиносист.

Фазлиддин Шомуродов аз чумлаи он шахсиятҳое буд, ки ин мактабро бо сари баланд хатм кард. Ӯ одамиятро аз зиндагӣ, матонатро аз мардуми одӣ, фурӯтаниро аз хонавода ва меҳру муҳаббатро аз муҳити зодгоҳаш омӯхт. Шиори нонавиштааш ин буд: бо ҳама яксон будан, ба касе озор нарасонидан ва ба мардум хизмат кардан.

Фазлиддин Шомуродов 10-уми январи соли 1951 дар деҳаи Зимтӯди шаҳри Панҷакент, дар хонаводаи кишоварз ба дунё омад. Ин гӯшаи зебои водии Зарафшон, ки дар наздикии зодгоҳи Рӯдакӣ ҷойгир аст, бо мардуми заҳматписанду соҳибтамаддун маъруф мебошад.



Пас аз хатми мактаби миёна, соли 1968 ба факултаи иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (имрӯза Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) дохил шуда, соли 1972 онро бо баҳои аъло хатм кард. Аз рӯзҳои аввали фаъолияташ равшан буд, ки ӯ ба илм ва хизмат ба давлат дили гарм дорад.

Фаъолияти касбии Фазлиддин Шомуродов даҳсолаҳо соҳаи иқтисод ва молияи кишварро фаро гирифт. Ӯ аз лаборанти илмӣ оғоз карда, то вазифаҳои баланд дар сохторҳои молия ва андози ҷумҳурӣ расид. Ҳимояи рисолаи номзадӣ дар шаҳри Маскав, роҳбарии шуъбаҳо ва раёсатҳои муҳими давлатӣ, сахмгузорӣ дар ташаккули сиёсати андози кишвар - ҳамаи ин далели сатҳи баланди тахассус ва эътимоди давлатӣ ба ӯст.

Аз соли 2014 то охирин лаҳзаҳои умр ҳамчун дотсенти Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Русия ба таълиму тарбияи мутахассисони ҷавон машғул буд ва тачрибаи бойи худро ба насли нав мерасонд.

Фазлиддин Шомуродов муаллифи китобҳо ва дастурҳои арзишманд дар соҳаи иқтисод ва андоз мебошад. Асарҳои ӯ, аз чумла «Асосҳои системаи миллии андози Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Андоз аз корхонаҳо ва шаҳрвандон», «Дастури андозсупоранда» ва «Соҳибкор чиро бояд донад?» имрӯз ҳам ҳамчун китобҳои дарсӣ ва роҳнамои амалӣ истифода мешаванд.

Махсусан китоби «Соҳибкор чиро бояд донад?» дар мулоқотҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо соҳибкорон муаррифӣ гардида, ҳамчун дастури муҳим эътироф шудааст. Ин худ нишони эътимоди баланд ба донишу андешаи муаллиф аст.

Дар баробари иқтисоддони варзида будан, Фазлиддин Шомуродов инсони ҳалим, фурӯтан ва ватандӯст буд. Ӯ дӯстдори забон ва фарҳанги миллӣ буд ва барои мақоми давлатӣ гирифтани забони тоҷикӣ дар сафи зиёиёни пешқадам бо далелу устуворӣ мубориза бурд.

Ҳамкорон ва наздикон ӯро ҳамчун шахсе ба ёд меоранд, ки дар рафтор ором, дар сухан боандеша ва дар кор содиқ буд.

Ҷаҳон гузаранда аст, аммо накӯномӣ мемонад. Инсонҳое чун Фазлиддин Шомуродов бо зиндагии соф, хизмати содиқона ва мероси илмии худ исбот карданд, ки умр на бо сол, балки бо амал чен мешавад.

Имрӯз, дар остонаи 75-солагии зодрӯзи ин олими некӯном, бо эҳтиром сари таъзим фуруд меорем ва мегӯем: равонат шод бод, ёдат гиромӣ бод, накӯномие, ки бо меҳнату садоқат бунёд кардӣ, ҷовидона хоҳад монд.

Абдулваҳҳоби ХОЛМУҲАММАД

БРОНХИТ

Хатари илтиҳоби шуш ва астма аз нигоҳи терапевт

Бронхит яке аз бемориҳоест, ки одатан дар фасли зимистон хуруҷ мекунад. Хуруҷи сулфаи шадид нишонаи асосии бронхит аст. Доир ба ин беморӣ ва роҳҳои пешгириву табобати он тавсияҳои терапевт Ноҳида Ҳамроалиеваро пешкаши шумо мекунем.



Бронхит бемории пардаҳои луобии найчаҳои шуш мебошад, ки бештар дар пайи сироят ёфтан ба вирусҳо ва бактерияҳо ба вуҷуд меояд. Он метавонад шадид ё музмин бошад.

Ҳангоми бронхити шадид хурӯҷи сулфаи шадид ва беҳолӣ мушоҳида мешавад, ҳарорати бадани бемор метавонад боло равад ё муътадил (аз 36,6 то 37 °С) боқӣ бимонад ва метавонад субфебрилӣ (аз 37 0 то 37,5 °С) бошад.

Бронхити музмин бошад, метавонад бар асари сармохӯрдагии табобатношуда, тамокукашии зиёд, вазъи бади зистмуҳитӣ (олудагии ҳаво бо газ, дуд ва ғ.), фаъолият дар корхонаҳои зарарнок, дар натиҷаи халалдор гаштани нафаскашӣ ба далели сохтори патологии (ғайритабиӣ) болои ҳалқ ва дар пайи такроран гирифтор шудан ба бемории зуком пайдо шавад.

Хатари асосии бронхит дар аворизи он нуҳуфтааст, ки дар бораи онҳо сухбат мекунем.

1. Ҳангоми бронхити музмин, беморро хуруҷи тез-тези сулфа азият мекунад. Нафасгирии бемор душвор шуда, ҳангоми сулфа кардан балғами зиёд ҷудо мекунад. Бронхити музмин дар сурати дармон нашудан метавонад ба илтиҳоби шуш бианҷомад. Илтиҳоби шуш бемории хатарнокест, ки ба табобати фаврӣ ниёз дорад. Ҳангоми гирифторӣ ба ин он, инсон лоғар шуда, дар бофтаҳои шушиаш тағйир ба вуҷуд меояд.

2. Яке аз аворизи дигари бронхит диққи нафас (астма) мебошад. Диққи нафас низ бемории хатарнок аст. Хатари бевоситаи он дар ин аст, ки хуруҷи шабонаи нафастангӣ (хафақон) зуд-зуд такрор мешавад ва метавонад оқибати маргбор дошта бошад. Диққи нафас инчунин метавонад дар кори дил низ мушкилот эҷод кунад ва ҳатто бемор ҳангоми оҳиста роҳ рафтан низ эҳсоси нафастангии шадид мекунад.

3. Аворизи дигари бронхит, ки бештар домангири калонсолон мешавад, бемории дили риявӣ (шушӣ) мебошад. Ҳангоми ин беморӣ бештар тарафи рости дил осеб мебинад ва бемор дучори нафастангии шадид ва сардард мегардад. Дили риявӣ (шушӣ) дар навбати худ дар бофтаҳои дил тағйир эҷод мекунад ва инсонро дучори норасоии кори дил ва сактаи миокард месозад.

4. Бронхит инчунин метавонад бемориҳои инсидодии (обструктивии) шуш, монанди инсидоди (обструктсияи) найчаҳои шуш, эмфиземаи шуш (омоси шуш), фишори хуни шушӣ ва ғайраро дар пай дошта бошад. Ҳамаи ин бемориҳо дар натиҷаи муолиҷа накардани бронхит ба вуҷуд меоянд.

Аз аворизи бронхит танҳо бо табобати саривақтии беморӣ мешавад худро муҳофизат кард. Бронхитро бо роҳи дорӯй табобат мекунанд ва ҳангоми табобат риояти пархез, фаъолияти ҷисмонӣ, машқҳо барои тақвияти нафаскашӣ хеле муҳим аст. Муроҷиати саривақтӣ ба бемористон ва машварат бо табибон дар пешгирии бронхит ва аворизи хатарноки он нақши бисёр муҳим дорад.

АФЛЕСУН

Пиршавиро пешгирӣ мекунад


Афлесун меваи ситрусӣ буда, аз моддаҳои гуногун бой аст, ки ба тамоми системаҳои бадан, аз системаи ҳозима то системаи асаб таъсири судманд дорад.

Истеъмоли як афлесуни калон тақрибан 80 фоизи арзиши ҳаррӯзаи витамини С-ро дар организми шумо таъмин мекунад. Ҳамчунин, ин мева аз кислотаи аскорбин бой аст. Ин кислота дар организм бисёр вазифаҳои муҳим дорад ва барои мустаҳкам нигоҳ доштани иммунитет кумак мекунад, рушди равандҳои илтиҳобиро бозмедорад. Истеҳсоли коллагени табииро дар организм ҳавасманд мегардонад ва ҷараёни пиршавиро суст мекунад.

Афлесун инчунин аз нахҳо бой аст, ки барои фаъолияти дурусти системаи ҳозима ва микробиомаи солимии рӯда зарур аст.

Афлесун манбаи антиоксидантҳои флавоноид мебошад, ки таъсири зиддиилтиҳобӣ доранд. Онҳо бо радикалҳои озод муборизa мебаранд ва хуҷайраҳои организмро аз осеб муҳофизат мекунанд. Онҳо метавонанд хавфи депрессияро коҳиш диҳанд ва пайвастагии махсус бо номи герперидин аз рушди бемории Алтсгеймер пешгирӣ мекунад.

Пӯсти ин мева низ хеле муфид аст. Инчунин, онро метавон дар салат, таомҳои гӯштнок ва чойҳо илова намуд. Аксари нахҳо на дар мева, балки дар пӯсти сафеди афлесун мебошанд.



Тақвим

Ҳамал
21.03 - 20.04

Ҳафта пур аз рӯйдодҳои гуворо аст. Бояд сифатҳои беҳтарини худро нишон дода тавонед, нисбати наздикон меҳрубону сабур бошед ва бетоқатӣ накунед. Дар ҷодаи муҳаббат шитобкорона муносибатҳои ошиқонаатонро барбод надиҳед.

Савр
21.04 - 21.05

Дар ин ҳафта вақти зиқшавӣ намеёбед. Аз серкорӣ вақти сархорӣ ёфта наметавонед. Худатон ҳайрон мешавед, ки сусткории зотиятон кучо мешавад. Дар ин давра гӯё аз хоби дарозмуддат бедор шуда, ба ҳаёти замоне осудаатон тағйирот ногаҳонӣ ворид мегардад.

Ҷавзо
22.05 - 21.06

Дар ин ҳафта барор ҳамсафари шумост. Бо шарофати хушчақчақиву зарофатгӯй гули сари сабади дӯстон мегардед. Барои он ки табъи касеро хира насозед, бахсу мунозира накунед. Ба ғайбату бухтоне, ки дар атрофи номатон давр мезанад, диққат надиҳед.

Саратон
22.06 - 23.07

Ҳафтаи пур аз рӯйдод аст, аз муҳлат истифода бурда, метавонед мавқеи худро дар корхона беҳтар ва ҳаҷми маошатонро баландтар созед. Дар баробари серкорӣ ниёзҳои худро фаромӯш насозед, вақту қувваи худро аз ҳад зиёд сарф накунед.

Асад
23.07 - 22.08

Дар ин ҳафта муваффақияти минбаъда аз масъулиятнокии шумо вобастагӣ дорад. Муносибататон бо ҳамкорон бо баъзе сабабҳо бад мегардад. Агар дар атрофатон нафароне бошанд, ки аз боварии шумо баромадаанд, маҳз дар ҳамин ҳафта дӯстиро бо онҳо қатъ намоед.

Сунбула
23.08 - 22.09

Нисбати наздикони худ меҳрубон бошед, айни замон аҳли оила ба дастгирии шумо ниёз доранд. Мушкилоти пайвандонро сабук созед, вале аз ҳад зиёд худро азият надиҳед. Дар ҷои кор муваффақиятҳои шумо боиси рашку ҳасади ҳамкорон мегардад.

Мизон
25.09 - 22.10

Давраи мусоидест барои беҳтар сохтани мавқеи худ дар касбу кор. Бо вуҷуди сар задани монеаҳо бояд фаъолона амал кунед. Аз пашша фил насозед ва худро ба ҳолати сахти рӯҳафтодагӣ гирифтор насозед. Рӯзи ҷумъа атрофиён дар ҳама кор дастгирӣ мекунанд.

Ақраб
23.10 - 22.11

Дар ин ҳафта диққати худро ба мушкилоти касбӣ равона созед. Оид ба нақшаҳои ояндаи худ бо дӯстону ҳамфикрони дилпур маслиҳат кунед. Дар ҷои кор бо муноқишаву моҷаро дучор намегардед. Нафаре аз шумо пул қарз мепурсад.

Қавс
25.11 - 21.12

Вақти бештари худро ба оила ва муошират бо наздикон бубахшед. Вазъи молиявиатон беҳтар мегардад, эҳтимоли ба даст овардани маблағи иловагӣ дар назар аст. Ба танқиди ҳамкорон роҳ надиҳед. Қабл аз он ки хариди калон мекунед, нағзакак андеша намоед.

Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Бо корҳои нотамоми худ машғул шудан мехоҳед ва пешакӣ дар фикри беҳтар сохтани вазъият ҳастед. Аз муноқишае, ки рӯзи панҷшанбе сар мезанад, дурӣ меҷӯед. Аз миёни наздикон барои худ душман харидан намехоҳед.

Далв
21.01 - 19.02

Рӯзҳои наздик нисбати атрофиён бодиққат бошед, ягон чизро сарфи назар насозед. Зудбовар нашавед ва ҳар ғайбату бадгӯиеро, ки мешунавед, ба инобат нагиред. Дар акси ҳол муносибататон бо шахсе, ки бароятон азиз аст, вайрон мегардад.

Ҳут
20.02 - 20.03

Дар ҷои кор боҷуръат бошеду истодагарии бештар зоҳир намоед. Дар ин сурат ба боварии роҳбарияту ҳамкорон даромада метавонед. Бо баъзе ҳамкорон байнатон муноқиша сар мезанад. Дар ҳаёти шахсӣ ба лавандӣ роҳ надиҳед.

ҒУРУБИ ДУ СИТОРАИ ФУТБОЛИ ТОҶИК

ШАРИФ НАЗАРОВ

30-юми декабри соли 2025 футболи тоҷик бо талафоти ҷуброннопазир рӯ ба рӯ шуд. Пас аз бемории вазнин ва тӯлонӣ Шариф Назаров, мураббии шоистаи ИҶШС ва Тоҷикистон, яке аз коршиносони муътабари таърихи варзиши миллӣ Шариф Назаров дар синни 80-солагӣ аз олам даргузашт.



МУҲСИН МУҲАММАДИЕВ

Шоми 1-уми январи соли 2026, пас аз бемории вазнин Муҳсин Муслимович Муҳаммадиев, футболбози собиқи дастаи миллии Тоҷикистон ва клубҳои маъруфи ватаниву хориҷӣ, мураббӣ, коршиноси футбол ва шахсияти калидӣ дар таърихи футболи миллӣ дар синни 60-солагӣ аз олам даргузашт.

Шариф Назаров 23-юми феврали соли 1946 таваллуд шудааст. Роҳи ӯ дар футбол воқеан зинавӣ буд. Аз бозигар то мураббӣ рушд кард. Дар солҳои 1960 ва 1970 ӯ ҳамчун ҳимоятгар дар «Пахтакор»-и Қӯрғонтеппа ва «Помир»-и Душанбе бозӣ мекард, аммо шуҳрати воқеиро ҳамчун мураббӣ пайдо кард.

«ПОМИР» ВА РОҲ БА ЛИГАИ ОЛИИ ИҶШС

Нуқтаи авҷи фаъолияти клубии Назаров соли 1988 буд, ки соли таърихӣ на танҳо барои Душанбе, балки барои тамоми футболи Тоҷикистон буд. Таҳти роҳбарии ӯ "Помир" дар Лигаи якуми ИҶШС ғолиб омад ва пеш аз муҳлат ба Лигаи олӣ баромад. Дар 44 бозӣ дар мавсим даста 24 бор пирӯз шуд, 78 гол зад ва 59 хол ба даст овард.

Ин муваффақият "Помир"-ро дар охири даврони Шуравӣ ба рамзи футболи тоҷик табдил дод. Даста на танҳо ба нухбагони футбол расид, балки мавқеи худро дар он ҷо мустаҳкам кард ва то фурӯпошии ИҶШС аз Тоҷикистон бо ифтихор намояндагӣ кард. Дар ин давра "Помир" таваҷҷуҳи коршиносонро аз саросари Иттиҳоди Шуравӣ ва берун аз он ҷалб кард.

БОЗИЕ, КИ ДАҲСОЛАҲО ДАР ЁДҲОСТ

Бозии 13-уми октябри соли 1990 бо "Спартак"-и Маскав дар таърих мақоми хосе дорад. Душанбе яке аз азимдастаҳои футболи шуравиро бо ҳисоби 5:1 шикаст дод. Он шом дар Варзишгоҳи марказӣ ба як ҷашни миллӣ табдил ёфт. Беш аз 20 000 тамошобин шоҳиди яке аз пирӯзиҳои аҷибтарин дар таърихи клуб шуданд.

Худи Назаров баъдтар ба ёд овард, ки пас аз бозӣ мураббии итолиёвии «Наполи» Оттавио Бианки ба утоқи либоспӯшии «Помир» даромад ва иқрор шуд, ки нафаҳмидааст, «Спартак» дар кадом тарафи майдон бозӣ карду дастаи Душанбе аз кадом самт буд. Ин ибора рамзи эҳтиром ба футболи сохтаи Назаров гардид.

МУРАББИЕ, КИ ДАР ХОНА МОНД

Дар фаъолияти Шариф Назаров пешниҳодҳо аз хориҷа, аз ҷумла кор дар клуби африқоии «Ал-Марих», ки ӯро Кумитаи варзиши ИҶШС ба он ҷо фиристод, буданд. Аммо, ӯ ҳеҷ гоҳ роҳҳои осон ё пули калонро намеҷуст. Пас аз таъйиноти хориҷӣ, Назаров ҳамеша ба Тоҷикистон бармегашт ва рушди футболро дар ватанаш вазифаи худ медонист.

Ӯ дастаҳоро чор маротиба ба чемпионати миллӣ роҳбарӣ кардааст. Бо «Помир» дар соли 1992 ва бо «Варзоб» дар солҳои 1998, 1999 ва 2000. Ӯ инчунин бо дастаҳои "Навбаҳор", "Авиатор", "Хима", "Фаррух" кор кардааст ва баъдтар роҳбарии "Регар-ТадАЗ"-ро ба уҳда дошт.

АВВАЛИН ҶОМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ДАСТАИ МИЛЛӢ

Соли 2006 дар фаъолияти Назаров барҷаста аст. Маҳз таҳти роҳбарии ӯ дастаи миллии Тоҷикистон Ҷоми даъвати AFC - аввалин ҷоизаи байналмилалии кишварро ба даст овард.

Назаров дар даврахои гуногун - солҳои 1992-1995, 1999, 2003, 2005-2006 дастаи миллиро роҳбарӣ мекард ва ҳамеша дастаи миллиро ҳамчун лоиҳаи оянда меҳисобид. Ӯ танҳо барои натиҷаҳои фаврӣ талош намекард.

МЕРОС ВА МАКТАБ

Шариф Назаров дар солҳои охири ҳаёташ дар рушди футболи ҷавонон саҳм дошт. Дар Душанбе мактаби футбол ба номи ӯ таъсис дода шуд, ки дар он ӯ шахсан бо бозигарони наврас кор мекард ва ба онҳо на танҳо дониш, балки фалсафаи наздик шудан ба бозиро низ медод. Барои ӯ футбол на касб ё тиҷорат, балки тарзи зиндагӣ ва шакли таълим буд.

Мақоми махсуси Назаров инчунин бо он таъкид мешавад, ки ӯ ягона намояндаи Осиёи Марказӣ шуд, ки унвони "Мураббии шоистаи ИҶШС"-ро ба даст овард (1991). Ин эътирофи саҳми ӯ на танҳо ба футболи тоҷик, балки ба футболи Шуравӣ дар маҷмуъ аст.

ЁДЕ, КИ БОҚӢ МЕМОНАД

Шариф Назаров марди замони худ буд. Ӯ сахтгир, усулгаро, серталаб аз худ ва дигарон, вале воқеан ба футбол ва кишвараш содиқ буд. Ӯ як насли пурраи бозигарон ва мураббиёнро ташаккул дод ва асосҳои анъанаҳоеро, ки имрӯз футболи тоҷикро дастгирӣ мекунанд, гузошт.

Муҳсин Муҳаммадиев 21-уми октябри соли 1966 дар Душанбе таваллуд шудааст. Кӯдакии ӯ аз солҳои аввали ҳаёташ бо футбол зич алоқаманд буд. Падараш Муслим Рачабович дар солҳои 1950 дар дастаи "Адмиралтейетс"-и Ленинград бозӣ мекард, аммо ҷароҳати вазнин фаъолияти ӯро қатъ кард. Орзуи амалинашудаи падар тадриҷан ба писар гузашт.

Падараш ӯро дар даҳсолагӣ ба мактаби футболи "Ҳосилот" овард. Дар он вақт як системаи хуб инкишофёфтаи футболи ҷавонон вуҷуд дошт, ки дар он интихоб ва рушди бозигарони оянда қисми модели варзишии давлатӣ буд. Муҳсин зуд дар байни ҳамсолонаш фарқ мекард. Дар мактаби рақами 54 ӯ акси бозигарони машҳурро мекашид, рақамҳои онҳоро азёд мекард ва орзуи бозӣ дар варзишгоҳҳои бузургро дошт. Модараш Маҳбуба Ҷалиловна, ки дар Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон кор мекард, бо лабханд писарашро "чемпиони ман" меномид.

Тақдир ба Муҳсин бераҳм буд. Соли 1982 модараш пас аз бемории вазнин вафот кард ва соли 1984 падараш аз олам гузашт. Дар синни 17-солагӣ Муҳсин ва хоҳари хурдиаш ятим монданд. Ин лаҳза як нуқтаи гардиш барои ӯ буд. Ӯ барвақт ба камол расид, масъулияти оилаашро ба дӯш гирифт, тамринро идома дод ва шабҳо дар холӣ кардани вагонҳои қатора кор кард. Дар ин давра футбол на танҳо орзу, балки ягона манбаи такягоҳи ӯ шуд.

Пас аз хатми синфи ҳаштум, Муҳсин ба мактаб-интернати варзишӣ дохил шуд. Ӯ бо мураббиёнаш Салимҷон Султонов, Сергей Ли ва Георгий Кукушкин, ки дар рушди ӯ нақши калидӣ доштанд, хушбахт буд. Юрий Федосов, мураббиаш, ки ба ӯ дар гузариши душвор аз футболи наврасӣ ба футболи калонсолон кумак кард, дар рушди ӯ нақши махсус бозид.

Соли 1983, дар синни 17-солагӣ Муҳсин аввалин бозии худро дар ҳайати «Пахтакор»-и Қӯрғонтеппа дар Лигаи дуюми Шуравӣ анҷом дод. Бозии ӯ таваҷҷуҳи мутахассисонро ҷалб кард ва ба зудӣ сармураббии "Помир" Владимир Ғуломҳайдаров ӯро ба санҷиш даъват кард. Ҳамзамон ба Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон дохил шуд. Соли 1984 Юрий Семин ба ҳайси менеҷери "Помир" кор мекард ва моҳи октябри соли 1985 Муҳсин Муҳаммадиев бозигари доимии "Помир" шуд. Ин даврае буд, ки даста барои баромадан ба элитаи футболи шуравӣ ҷиддӣ мубориза мебурд.

Муҳаммадиев аввали солҳои 1990-ро дар авҷи фаъолияти худ пешвоз гирифт. Фурӯпошии ИҶШС, ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ва номуайянии атрофи он бо рафтани ӯ ба дастаи "Локомотив"-и Маскав дар соли 1992 рост омад. Соли 1994 ӯ ба "Спартак", клубе, ки орзу мекард, даъватнома гирифт.

Дар ин давра ӯ нақши беназиреро бозид, ҳам дар ҳайати дастаи мунтахаби Тоҷикистон ва ҳам Русия бозӣ кард. Фаъолияти минбаъдаи ӯ дар дастаҳои "Анкарагуҷу", "Австрия Вена", "Торпедо", "Арсенал" ва "Шинник"-и Русия, "Бухоро" ва "Самарқанд"-и Ӯзбекистон давом мекард.

Пас аз футболбозӣ, дар соли 2006, Муҳаммадиев ба кори мураббигӣ ва менеҷмент гузашт. Ӯ бо "Витязь", "Ордабаси" ва "Бухоро" кор кард ва чор сол мудири варзишии "Рубин" буд. Соли 2013 ӯ сармураббии дастаи миллии Тоҷикистон ва соли 2022 ноиби президенти "Истиқлол" шуд. Соли 2024 ӯ ба дастаи зодгоҳаш «Вахш» баргашт. Ӯ аз нав сохтани клуб, захираи истеъдодҳо ва барқарор кардани рақобатпазирии онро ҳамчун рисолат медонист. Ҳаёти шахсии Муҳсин Муҳаммадиев низ камранг набуд. Ҳамсараш Моҳира Носирова духтари мураббии машҳури ҷавонон Собирҷон Носиров аст. Онҳо тавассути футбол шинос шуданд ва соли 1988 издивоҷ карданду се духтар доштанд. Даврои охири ҳаёташ фоҷиабор буд. Муҳаммадиев, ки бемайлон барои рушди «Вахш» кор мекард, ба худаш раҳм намекард. Дар парвоз ба Туркия барои тамрини даста ӯ сактаи мағзии аввалини худро аз сар гузаронд. Ӯ ҳолати вазнини худро аз оилааш пинҳон карда, ба кори худ идома дод, сипас сактаи дуюмро аз сар гузаронд. Бо вуҷуди талошҳои пизишкон дар Туркия ва Русия, моҳҳои баъдӣ ба мубориза табдил ёфтанд. Ӯ бо ҳамон истодагарӣ, ки дар тӯли ҳаёташ дошт, мубориза бурд...

Номи ӯ абадӣ дар таърихи футболи тоҷик хоҳад монд.



БЕДАНДОНЕ АЗ ҲИЗБИ ДАНДОНСАФЕДОН

Бо Ҳоҷӣ Абдумадассир Аҳмадзода аз соли 2008 ин тараф дӯстӣ дорем. Эшон ба таъбири худашон “бедандоне аз ҳизби Дандонсафедон” ҳастанд. Аз салому алейк то хайрухуш фақат шӯхӣ мекунанд, механданд ва механданд. Устод инчунин яке аз муҳаррирони китоби ҳаҷвии ман бо номи “Биё, ки фолат бинам” мебошанд. Китобро на танҳо таҳрир, балки ба он пешгуфтор низ навишта, хонандаро огоҳ карданд, ки “ҳар ки ин китобро мехонад, дилаш ба рӯдаҳои аз ханда ба дард даромадааш месӯзад”... Оғози сол, 5-уми январ рӯзи таваллуди устод аст. Эшонро табрик гуфта, барояшон пеш аз ҳама тансиҳатӣ таманно мекунем ва аз кулвори Мундонӣ чанд латифаро манзури шумо менамоем.

ПИЁЛА

Рӯзе меҳмони идораи нашрияи “Тоҷикистон” шудам. Устод Аҳмадзода хеле хуш қабулам карданду хостанд бо чой меҳмондорӣ кунанд. Ҳама ҷойро кофтанд, вале пиёла пайдо накарданд. Ин аст, ки ба яке аз хамкоронашон мурочиат карда, гуфтанд:

- Як пиёла те, ман ба Холиқназар чой резам.

Мавсуф гуфт:

- Устод, мо яктогӣ пиёла барои коргарон дорем. Барои меҳмон пиёла надорем.

Хандидаму гуфтам:

- Устод, ташвиш накашед, дафъаи дигар бо пиёлаи худам меоям...

ТАБХОЛ

- Ман дар бораи занҳо шӯхӣ мекунаму чаро дигарон хавотир мешаванд, ки ҳолам дар хона чӣ мешуда бошад?,- пурсид Мундонӣ баъди чопи латифае аз Ҳоҷӣ Абдумудассир Аҳмадзода.

Ҳоҷӣ дар посух гуфт:

- Барои ин ки онҳо шӯхӣ он тараф истад, ҳатто аз садои пойи занҳояшон табхол мебароранд.

ОСТИНДАРИДА

Бо ҷомаи беостин ба кӯча баромадам ва бо устод Аҳмадзода вохӯрдам. Эшон табассумкунон гуфтанд:

- Почадаридаро дида будему остиндаридаро не... Акнун инашро ҳам дидем...

Холиқназар ҶУМЪАЗОДА

ИМКОНИЯТ

Мардеро ҳангоми аз бонк дуздӣ карданаш дастгир карда, мепурсанд:

- Чаро даст ба дуздӣ задӣ?

Мард мегӯяд:

- Аз назди бонк мегузаштам, ки назарам ба навиштаҷоти “Имкониятро аз даст надех” афтод.

ЗАБОНИ ДИГАР

Писарчаи 5-сола ба гапзаниҳои додарчаи 2-солааш диққат дода, мегӯяд:

- Оча, ҳамин додарам дар беморхона иваз нашуда бошад?

Модар мепурсад:

- Барои чӣ?

Писарча дар ҷавоб:

- Ба фикрам тоҷик нест, ба кадом як забони дигар гап мезанад.

ВАСИЯТ

Мӯйсафеде баъди садама дар дами марг ба завҷааш васият мекунад:

- Занакҷон, зиёд ғам махӯр, боз ба шавҳар мебароӣ, ҳамааш хуб мешавад...

Пиразан мегӯяд:

- Эҳ мардак, мани кампирро дигар кӣ мегирад? Агар ҳамин садамаи фалокат ақаллан 20 сол қабл рух медод, шонс доштам.

САНГ

Марде ҳамроҳи писараш ба сари қабри хушдоманаш мераванд. Писарак мепурсад:

- Дада, барои чӣ дар қабри бибиям ин қадар санги калон гузошта шудааст?

Падар дар ҷавоб:

- Барои он ки ба берун баромада натавонад, бачем.

ҶАБРДИДА

Дар толори суд аз ҷабрдида мепурсанд:

- Ҷабрдида, шумо ҳамин нафарро, ки мошинатонро дуздидааст, шинохтед?

Ҷабрдида дар ҷавоб:

- Рафиқ судя, баъд аз суханронии адвокати ин кас ман бо дилпурӣ гуфта наметавонам, ки мошин доштам ё не.

Таҳияи Н. РАҶАБОВА

Сканворд

